ДАР ТОҶИКИСТОН 2 ҲАЗОР ТАБИБ НАМЕРАСАД с.5

ДУ МУШКИЛИ ҲАҶ с.3

ПЕШНИҲОДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА СММ с. 5

ТОҶИКИСТОН

№7 (1570), 14.02.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



СЕ МУЪҶИЗА

ДИЛИ МАНУЕЛ МИКАЛЛЕРРО БА ТОҶИКИСТОН ГАРМ КАРДААСТ



ДАР ИН ШУМОРА:

НИГАРОНӢ
Чаро корхонаҳои саноатӣ аз кор мемонанд? с.3

ПУТИН:
Ҳанӯз ба ҳадаф нарасидаем с.4

БОХТАР
Раиси нав мушкили куҳнаро ҳал мекунад? с.4

ПОЙТАХТ
Нигаронӣ аз афзоиши сагҳои дайду с.5

СУҒД
Сафияхони 10-сола куҷо шуд? с.11

ФАРҲАНГ
Устод Айнӣ дар Украина с.13

ВИТИЛИГО
Роҳи табобати он пайдо шуд с.15

ВАРЗИШ
Рақиби наврасони тоҷик дар ҶО-2025 маълум шуд с.10

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
21 000 нусха.

ПРЕЗИДЕНТ 1 СОЛ МУҲЛАТ ДОД

14-уми феврал дар мақомоти прокуратураи Тоҷикистон тағйироти кадрӣ сурат гирифт.

Дар мувофиқа бо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон муовини якуми прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, муовини якум ва муовини прокурори вилояти Хатлон, муовини прокурори вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, прокурори ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, прокурори ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Истиқлол ва Ҷаббор Расулови вилояти Суғд, прокурори шаҳри Роғун, прокурори ноҳияи Нуробод, ҳамчунин сардорони якчанд раёсати дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ таъйин гардиданд.

Президенти мамлакат зимни суҳбат бо кадрҳои тозатаъин ба тамоми кормандони мақомоти прокуратура дар баробари забони модарӣ барои аз худ кардани ду забони хориҷӣ як сол муҳлат доданд.

"Агар хоҳед дар коратон комёб бошед ва соҳиби обрӯ шавед, бо мардум наздик фаъолият намоед, зеро иззату эҳтиром бо амру фармон дода намешавад",- таъкид дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

ВОРИДОТИ МОШИНҲОИ БАРҚӢ БА ТОҶИКИСТОН ЗИЁД ШУД

Тоҷикистон соли гузашта 3,3 ҳазор мошини барқӣ ворид кардааст, ки дар қиёс бо нишондоди соли 2022 беш аз 2,5 ҳазор адад зиёд аст.

Ин нуктаро сардори Хадамоти гумруки Тоҷикистон Хуршед Каримзода зимни нишасти матбуотӣ баён дошт.

Раиси Хадамоти гумруки кишвар арзиши мошинҳои барқии воридгардида дар як солро беш аз 58 млн доллар гуфт. Вай зикр намуд, ки зимни вуруди мошинҳои барқӣ пардохтҳои гумрукӣ ситонида намешаванд, чун сабукиҳо пешниҳод шудаанд.

Ба ҳисоби мақомоти гумрук, ҳаҷми сабукиҳои ироашуда ба воридкунандаҳо дар соли гузашта ҳудуди 176 млн сомониро ташкил медиҳад. Мошинҳо асосан аз ҷониби шахсони воқеӣ ворид мегарданд.

Маврид ба зикр аст, ки мақомоти Тоҷикистон азм доранд дар солҳои наздик ҳиссаи мошинҳои барқиро дар ҷумҳурӣ то 20-30%-и теъдоди умумии нақлиёт расонанд.

Ин иқдом дар доираи лоиҳаи Барномаи рушди нақлиёти барқӣ барои солҳои 2023-2027 дар назар дошта шудааст.

ТОҶИКОНИ БОҚИМОНДА АЗ СУРИЯ БАРМЕГАРДАНД

339 занону кӯдакони тоҷик, ки дар се давра - 2019, 2022 ва 2023 аз минтақаҳои ҷангзадаи Сурия ва Ироқ ба Тоҷикистон оварда шуданд, ба оилаву наздикони худ пайвастаанд.

Суҳайлӣ Қодирӣ, сардори шуъбаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё Омбудсмен дар Тоҷикистон гуфт: "Аз моҳи март то ноябри соли 2023 ҳамаи занону кӯдакон, аз ҷумла 84 кӯдаки бидуни тарбияи падару модар монда, ба оилаву наздиконашон баргардонида шуданд".

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон бори аввал соли 2019 нахустин гурӯҳи 89-нафараи кӯдакони ҷангҷӯёнро, ки аз 1 то 18-сола буданд, аз Ироқ ба Ватан баргардонид.

Бори дувум, 26-уми июли соли 2022 гурӯҳи дуюми шаҳрвандони Тоҷикистон - иборат аз 146 зану кӯдак аз Сурия оварда шуданд.

Ҳамин тариқ, моҳи майи соли гузашта гурӯҳи сеюми занону кӯдакони иборат аз 104 нафар ба ватан баргардонида шуданд.



ДАСТОВАРДИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ФЕСТИВАЛИ СИРКИ ПАРИЖ

Муҳаммад Шарифзода Тоҷикистонро дар фестивали байналмилалӣ таҳти унвони "Цирк завтрашнего дня" муаррифӣ кард.

Ин фестивал аз 24 то 27-уми январи соли равон дар Париж ва аз 8 то 13-уми феврал дар Испания баргузор гардид. Муҳаммад Шарифзода дар ин фестивал иштирок карда, соҳиби ҷойи дуюм гардид.

Ин фестивали байналмилалии сиркӣ ҳар сол бо иштироки намояндагони беш аз 20 давлати ҷаҳон баргузор мешавад. Ин ягона фестивали сиркӣ дар ҷаҳон аст, ки ҳунармандони ҷавону боистеъдод имкон доранд бехтарин намоишҳои худро на танҳо ба ҳайати ҳакамони байналмилалӣ, балки ба тамошобиноне, ки аз тамоми гӯшаву канори дунё меоянд, намоиш диҳанд.

Муҳаммад Шарифзода зодаи шаҳри Душанбе буда, Институти Москва ба номи Юрий Никулинро бо дипломи сурх хатм кардааст.

САРИ САБЗ



Азизи АЗИЗ,
нависандаи адабиёти бачагона

- Агар шахс ба эҷод ҷиддӣ машғул бошад, то 100-солагӣ ҳам навишта метавонад. Аммо агар шахсе дар синни 60-70 гӯяд, ки хаста шудааст, шояд натиҷаи шитобкориаш бошад. Ӯ шитоб кардааст, ки зуд-зуд асар эҷод кунаду ҷоиза ё унвоне бигирад.

- Ҳаҳаҳаҳ, аз ин гуфтор хулоса баровардан мумкин аст, ки ягон эҷодкори ҷиддӣ надоштаем. Агар не, ку нафареро номбар кунед, ки то 100-солагӣ шитоб накарда бошад.



Умед БОБОЗОДА,
ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

- Баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф кардан бо тартиби судӣ ҳал мешаванд. Дар ҳолати ниёз доштани мард ба манзили истиқоматӣ ва молики манзил будани зан, мард ҳамчун аъзои оила эътироф шуда, метавонад тариқи судӣ маскун карда шавад.

- Эҳ, бечораҳо! Вой бар ҳоли мардоне, ки тариқи судиву ғайрисудӣ дар манзили зан маскун мешаванд. Шояд дар назарашон биёбон намояд он манзил.



Олимҷон МУҲАММАДҶОНЗОДА,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳот

- Барномаи "Ислоҳнигорӣ" то ҷашни Наврӯз роҳандозӣ мешавад. Дар барномаи компютерии "Ислоҳнигорӣ" беш аз 2 млн 200 ҳазор калимаи тоҷикӣ ҷойгир шудааст ва пас аз роҳандозӣ шудан бисёр мушкилоти навишти электронии моро бартараф мекунад.

- Офарин ба ҳиммати масъулини ин тарҳ! Аммо ягон барномаи «Ислоҳнигорӣ"-и дигар нест, ки мушкилоти навишти таблову овезаҳоро бартараф намояд?

ДУ МУШКИЛИ ҲАҶ

ҲОҶИБИНОН - ТАРСИ АСОСИИ ҲОҶИШАВ



- Ҳоло мегӯянд ҳачравӣ ҳеҷ гап не, дарди сари асосӣ ҳоҷибинон шудааст. Инро мегӯянд шикампарварӣ. Бале, ин дақиқ шикампарварист, на чизи дигар. Як бор навишта будам, 1 гов, 2 гӯсфанд куштем, нарасид, ҳоло гӯштхарӣ рафта истодаам,- гуфт писари ҳоҷӣ.

Харҷи ҳаҷ барои 1 нафар тахминан 15-16 ҳазор сомонӣ аст. Аммо харҷи ҳоҷибинон 2 карат аз ин зиёд мешавад, ёбеду гиред.

Туҳфа доданро бас кунед, безор шудем аз тасбеҳу арақчинҳои хитоӣ.

Солҳое, ки падари ман ҳаҷ рафт - соли 1976 аз водии Кӯлоб касе ҳаҷ нарафта буд. Ёд дорам, падарам 101 дона тасбеҳро ба 101 нафар дод. Ҳукумати Шӯравӣ мардум серу пур буд. Парвои хӯрдан надоштанд. Аслан одамон ҳоҷизиёрат меомаданд. Як салом карда, мерафтанд. Он як навъ мазмун дошт. Падарам низ туҳфаи зиёд наоварда буд. Ҳамон донаҳои тасбеҳ ҳам ба ҳама нарасид. Зеро тамоми водии Кӯлоб ба зиёрат омада буд. Ҳоло чӣ?

Ҳоло шукр замони соҳибистиқлолӣ, қариб дар ҳар хона 1-2 ҳоҷӣ ҳаст. Пас чӣ ҳоҷат ба ин гуна зиёрат? Чӣ ҳоҷат ба ин гуна исроф? Бовар кунед, мардум безор шудааст, вале намедонад чӣ кор кунад.

Ҳоҷиталбон дарди бахайр буд, касе имкон дошт, металбид ҳоҷиро, намедошт, ҳеҷ чиз.

Аммо ҳоҷибинон як ҳодисаи тамоман дигар аст. На нанг мондааст, на номус, ҳама ба якборагӣ ҳучум мекунанд ва беибо дастҳоро шуста, аз боло мегузаранд. Хайр ана ҳаҷ рафт, омад, баъд чӣ? Дигар зиёрати бо мақсади шикампуркунӣ ба кӣ даркор? Чӣ маъно дорад? Шуъбаҳои танзим низ ин ҷиҳатро назорат намекунанд. Ҳар касу дави аспаш.

ЧӢ БОЯД КАРД?

Пешниҳод дорам:

Ҳоҷибинон пурра аз байн бардошта шавад. Назоратро сахт кардан даркор, то ҳоҷӣ гов ё гӯсфанд накушад. Ҳоло боз тарабхона фармоиш дода истодаанд.

Саъдӣ МАҲДӢ

▸▸ *Аз идора:*

Тибқи талаботи моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ташкили маъракаҳои ҳоҷиталабон, ҳоҷизиёрат ва ҳоҷиошӣ қатъиян манъ аст. Танҳо дар соли 2023 аз ҷониби кормандони соҳа нисбат ба 63 шахрванд барои риоя накардани талаботи моддаи мазкур протокол тартиб дода шудааст.

ОМОР:

Масъулони Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо мегӯянд, ки танҳо дар соли 2023 ҳудуди 10 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон бо нияти адои ҳаҷи умра ба Арабистон рафтаанд. Ин ҳам дар ҳолест, ки то давраи бемории ҳамагири «КОВИД» аз 2 то 3 ҳазор нафар мерафтанд.

Дар маҷмуъ, ба иттилои мақомот, дар панҷ соли охир шумораи зойирон аз Тоҷикистон се баробар зиёд шудааст.



ЧАРО ҲАҶ АЗ ТОҶИКИСТОН ГАРОН АСТ?

Хабарнигорон рӯзи 9-уми феврал зимни нишасти хабарӣ аз раиси Кумитаи дин пурсиданд, ки чаро нархи сафари умра дар Тоҷикистон назар ба Ӯзбекистон гаронтар аст?

Сулаймон Давлатзода, раиси Кумитаи дин гуфт, дар бастаи хизматрасоние, ки ширкатҳои ӯзбекистонӣ барои адои умра пешниҳод кардаанд, баъзе харочот, аз ҷумла хӯрок нест.

Аммо дар эълонҳое, ки ширкатҳои ӯзбекистонӣ пешниҳод кардаанд, барои зоирин ҳадди ақал ду вақт хӯрок пешбинӣ шудааст.

Раиси Кумитаи дини Тоҷикистон мегӯяд, ки нархи сафари умра аз Тоҷикистон 14 ҳазор сомонӣ (қариб 1300 доллар) аст ва аз Ӯзбекистон аз 1100 доллар шуруъ мешавад.

“Мутаассифона, ҳастанд нафароне, ки танҳо бо дар назар гирифтани на он қадар фарқияти зиёд, худуди 1000-2000 сомонӣ худашонро сарсон карда, ба воситаи кишвари ҳамсоя мераванд. Онҳо дар бисёр ҳолатҳо фирефтаи эълонҳо ё миёнаравҳои бардурӯғ мешаванд. Масалан арзонтарин нархи умра аз Тошканд аз 1100 то 1400 доллар аст. Вале онҳо дар назар намегиранд, ки харочоти аз Душанбе то Тошканд рафтан чӣ қадар аст”,- афзуд раиси Кумитаи дин.

ЯК ХАБАРУ ДУ НАЗАР



Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

ЧАРО КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ АЗ ФАЪОЛИЯТ МЕМОНАНД?

Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди саноатро яке аз ҳадафҳои стратегии худ қарор додааст, вале давоми соли гузашта дар кишвар садҳо корхона аз кор монда ва ё дахлу харҷашон ба сифр баробар шудааст. Президенти кишвар теъдоди онҳоро 550 адад арзёбӣ кард.



Фозилҷон ФАТҲУЛЛОЕВ,
коршиноси масоили иқтисодӣ

Давоми соли 2023 дар Тоҷикистон 729 корхонаи нав ба кор шуруъ кардаанд. Дар ин миён 426 корхонаи саноатӣ нишондоди сифрӣ пешниҳод намудаанд.

Ин маънои онро надорад, ки ҳамаи корхонаҳои мавриди назар аз кор мондаанд. Бале, аз нигоҳи берунӣ чунин ба назар мерасад, аммо асли воқеият дигар аст. Инҳо аслан корхонаҳоеанд, ки нишондодҳои сифрӣ пешниҳод кардаанд. Ин чӣ маъно дорад? Онҳо қудрати истеҳсолӣ доранд, аммо ба далоили мухталиф кор накардаанд ва нишондоди сифрӣ дар ихтиёри омор гузоштаанд.

Агар корхона ду сол нишондоди сифрӣ пешниҳод кард, ба ҷумлаи корхонаҳои бозистода шомил мешавад ва ин ба он маъност, ки дар ҳоли фароҳам шудани шароит метавонад дигарбора ба фаъолият шуруъ кунад.

Чанд омиле ҳаст, ки корхонаҳои саноатӣ дар кишвар аз фаъолият бозмемонанд. Якум, ин норасоии энергетикӣ аст. Дуюм, сиёсати фискалӣ, яъне фишори баланди андозбандӣ. Корхонаро маҷбур мекунанд, ки андози замин, андози даромад ва ғайраву ғайраро супорад. Айби корхонаҳо низ ҳаст. Бояд технологияи имрӯза не, пагоҳинаро ворид кунанд. Ин корро намекунанд ва наметавонанд рақобатпазир бошанд.

Дигар ин ки, аксари корхонаҳоро бо аҳдофи таблиғотиву оморӣ боз мекунанд. Барои мисол, ҳастанд корхонаҳои дӯзандагие, ки расман ифтитоҳ шудаанд, аммо вақте корчӯён ба онҷо мераванд, мебинанд як бинои холӣ асту бас. Касе он ҷо кор намекунад. Танҳо дар телевизион нишон додаанд, ки чунин корхона кушода шуду биёед кор кунед. Чунин ҳолатҳо ҳам ба назар мерасанд.

АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



Соли 2023 Тоҷикистонро беш аз 1,25 млн сайёҳон аз 121 давлати дунё боздид намудаанд, ки нисбат ба соли 2022-юм 20% зиёд мебошад.

Раиси Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон Камолиддин Муминзод гуфт, ки аз шумораи умумии сайёҳон 92% шаҳрвандони кишварҳои ИДМ будаанд. Аз рӯи теъдоди сайёҳон Ӯзбекистон дар ҷойи аввал қарор дорад, ки 806 ҳазор шаҳрвандаш давоми сол ба Тоҷикистон омадаанд. Шумораи сайёҳон аз Русия низ қариб ду баробар зиёд шуда, ба беш аз 262 ҳазор нафар расидааст.



Соли 2023 дар Тоҷикистон 74,3 ҳазор нафар корҷӯй ба қайд гирифта шудаанд, ки ин нисбат ба соли 2022-юм 10,9% кам будааст.

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Гулнора Ҳасанзода гуфт, охири соли 2023 дар ҷумҳурӣ 48,3 ҳазор нафарро расман ҳамчун бекор сабти ном кардаанд, ки нисбат ба соли гузашта 9,7% кам мебошад. Мизони бекории расман ба қайд гирифташуда 1,8% қувваи кории кишварро ташкил медиҳад. Ба гуфти вазир, дар ин давра дар кишвар беш аз 230 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.



Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 395 шаҳрванди хориҷиро аз Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Арабистони Саудӣ ба таҳсил фаро гирифтааст.

Дар ин бора зимни зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳи мазкур Жило Гулназарзода ба журналистон иттилоъ дод.

Гуфта мешавад, ки ҳоло дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон 8 омӯзгори хориҷӣ фаъолият менамоянд.

Ректор гуфт, ки соли гузашта 48 донишҷӯи донишгоҳ барои идомаи таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода шудаанд.

Владимир Путин:

ҲАНӮЗ БА ҲАДАФИ ХЕШ НАРАСИДАЕМ!

Такер Карлсон, муҷрии собиқи шабакаи телевизионии "FOX News" мусоҳибаи пурсарусадояшро бо Президенти Русия Владимир Путин шаби панҷшанбе, 8-уми феврали соли 2024 дар саҳифааш дар шабакаи "X" (собиқ Twitter) нашр кард. Феълан ин мусоҳибаро наздик ба 200 млн нафар тамошо кардаанд.



Монологи Путин

Мусоҳиба дар умум 2 соату 7 дақиқа давом ёфта, дар ин муддат Карлсон ба Путин ҳамагӣ 7 суол дод. Яъне он ба монологи Путин монанд буд.

Ин аввалин мусоҳибаи Президенти Русия бо як рӯзноманигори ғарбӣ пас аз оғози амалиёти махсуси низомии Русия дар Украина аз феврали соли 2022 буд.

Сабаби оғози ҷанг

Аввалин суоли Такер Карлсон аз Путин ин буд, ки "далели ӯ барои судури фармони ҳамла ба хоки Украина чӣ буд?". Муҷрии амрикоӣ аз Путин пурсид, ки "чӣ шуд, ки яку якбора фикр кардед, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба Русия ҳамла мекунад, чӣ тавр ба чунин хулоса расидед?". Дар ҷавоб Путин афзуд, ки "магар ин Амрико набуд, ки мехост ҳамлаи ҳавоии ғофилгиронае ба дохили хоки Русия кунад?". Баъдан, Путин ҳудуди ним соат дар бораи таърихи шарқи Аврупо ва ташкилёбии Русия дар қарни нуҳуми мелодӣ муфассал суҳбат кард. Ҳамчунин далелҳои зиёде оварда, иддао кард, ки бахшҳое аз хоки Украина мутааллиқ ба Русия буду ҳаст.

Гуноҳи Зеленский

Путин дар мавриди ҷанг бо Украина гуфт, ки "ба ҳадафҳои гузоштаи худ нарасидааст. Ҳадафи асосӣ - "денатсификатсия", ба бовари Путин, то ҳол ҷомаи амал напӯшидааст. Тақсири ба ин ҳадафи худ нарасиданашро гуноҳи Зеленский номид ва ӯро барои пуштибонӣ ва ҳимояи идеологияи фашизм сарзаниш кард. Путин дар ҷараёни мусоҳиба нусхаҳои санадҳо аз бойгониҳои таърихиро дар як папка оварда, боисрор ба Такер Карлсон пешниҳод карданӣ шуд, вале журналисти амрикоӣ гуфт, ӯ намефаҳмад, ки ин санадҳои чандсад соли пеш ба қарори ду сол пеши Путин барои сар кардани ҷанг ба зидди Украина чӣ рабт доранд?

Русия ба Полша ҳамла мекунад?

Дар робита ба таблиғоти кишварҳои узви паймони ҳарбии НАТО, ӯ сиёсатмадорони аврупоиро муттаҳам ба дурӯғпаҳнкунӣ (фейк) кард ва аз ҷумла тарсонидани ҷомеаи ҷаҳонӣ бо инро, ки Русия имрӯзу пагоҳ ба Полша ва Латвия ҳамла мекунад, пурра гапи беасос хонда, таъкид кард, ки кишвараш танҳо дар як ҳолат ба Полша, Латвия ва ё ҳар кишвари дигар ҳамла хоҳад кард, ки агар ин ё он кишвар ба хоки Русия ҳамла кунад.

Тавсия ба ИМА

Путин гуфт, ки дар солҳои аввали президентиаш ҳатто кӯшиш кардааст, "то Русия низ узви НАТО шавад, вале чавоби рад гирифтааст". Путин аз пуштибонии иқтисодӣ ва низомии Амрико аз Украина дар рафти ҷанг изҳори таассуф карда, ба ҳукумати Амрико маслиҳат дод, ки бехтар мешавад ба ҷойи кумаки молӣ ба Украина мушкилоти дохилии мардуми Амрикоро ҳал кунад. Аз ҷумла мушкилот бо паноҳҷӯён ва қарзи берунаи Амрикоро, ки ба 33 триллион доллар наздик шудааст. Ҳамчунин Путин аз тарконидани хати лӯлаи гази Русия бо номи "Северный поток" дар баҳри Балтика низ ёдовар шуда, ишора ба даст доштани истихбороти кишварҳои Ғарб кард.

Ҷурми Ҷонсон

Дар масъалаи пеш нарафтани гуфтушунидҳои сулҳ байни Русия ва Украина, Путин сарвазири собиқи Британияи Кабир Борис Ҷонсонро муттаҳам кард. Ӯ ёдовар шуд, ки дар "нишасти Истанбул ҷонибҳо барои расидан ба сулҳ қариб наздик шуда буданд, вале Ҷонсон гӯё аз Украина хостааст, ки ба ҷанг идома диҳад. Дар натиҷа Зеленский фармон дар бораи манъи музокирот бо Русияро имзо кард.

Муносибат бо президентҳои ИМА

Путин дар мавриди муносибати хуб доштанаш бо роҳбарони Амрико низ нақл кард. Путин гуфт, ки аз байни роҳбарони собиқи Амрико дар даврони президентиаш бо Ҷорҷ Буши хурдӣ ва Доналд Трамп муносибати ҳасана доштааст. Дар мавриди раисҷумҳури кунунии Амрико Ҷо Байден Путин гуфт, ки ҳатто дар ёдаш нест, ки охирин маротиба кай бо Байден суҳбат карда буд.

Такер Карлсон гуфтааст, ки мехоҳад бо президенти Украина Владимир Зеленский низ чунин як мусоҳиба анҷом диҳад. Посухи Киев ба ин дархост ҳанӯз рӯшан нест.

АЗ 10 ЭРОНӢ 6 НАФАР БЕКОРАНД

BBC

Дар Эрон аз ҳар даҳ нафари синни корӣ шаш нафарашон бекор ҳастанд ё дар ҷустуҷӯи кор ва беш аз нисфи онҳое, ки кор мекунанд, кори иловагӣ ҳам мекунанд.

Дар ин бора омори Вазорати кори Эрон хабар додааст. Ба иттилои мақомоти Эрон, беш аз 58 дарсади аҳолии ин кишвар ё аз 15-солаҳо боло ҳеҷ машғулияте надоранд.

Баъзе таҳлилгарон инро ба дилозурдагии бисёриҳо аз шароити зиндагиву кор дар ҷумҳурии исломӣ баъди саркӯби эътирозҳои вобаста ба марги Маҳсо Аминии 22-сола дар моҳи сентябри соли 2022 рабт медиҳанд. Ин омор бо он чӣ ки президент Иброҳим Раисӣ гуфтааст, дар ихтилоф аст, чун ӯ иддао карда буд, ки ҳукумат тавонист сатҳи бекориро дар Эрон то 7,6 дарсад кам кунад.



▸▸ *Дидгоҳ*

ПЕШНИҲОДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА СММ

Президенти Ассотсиатсияи Футболи Осиёи Марказӣ ва ҳамзамон Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуд, ки "Рӯзи ҷаҳонии Футбол" расман эълон гардад.



Дар паёми видеоие, ки котиботи ФФТ нашр кард, Президенти ФФТ ба нақши муттаҳидкунандаи футбол дар сатҳи ҷаҳонӣ ишора карда, пешниҳод дорад, ни сайёраи Замин бештар аз 150 сол аст, ки ба футбол машғуланд ва ин бозӣ аз замони пайдоиш то кунун як вазифа ва як ҳадаф дорад, ки он ба ҳам овардани инсонҳо мебошад.

"Имрӯз ҳатто дар хурдтарин мамлакати олам одамон ба футболбозӣ машғуланд, яъне футбол ҳамчун маҳсули эҷоди тафаккури инсонӣ аз як бозии оддӣ ба омили пайвандгари инсоният табдил ёфтааст",- таъкид кард Рустами Эмомалӣ.

Ӯ дар идома мегӯяд, ки футбол дар баъзан кишварҳо ҳамчун варзиш маъруф аст, вале он танҳо як бозӣ нест, ин намуди варзиш як падидаи фарҳанги умумиҷаҳонист, ки марзҳои миллӣ, монеаҳои забонӣ ва тафовутҳои иҷтимоиву иқтисодиро убур мекунад.

Президенти ФФТ бо ишора ба нақши футбол мегӯяд, он варзишест, ки ҷаҳонро муттаҳид месозад ва бо забони универсалӣ суҳан мегӯяд, ки ба ҳамагон маълум аст, яъне аз кӯчаҳои пур аз мухлиси шаҳрҳои бузург сар карда, то деҳаҳои дурдасттарини ҷаҳон футболро мешиносанду бозӣ мекунанд.


Ёдовар мешавем, ки Рустами Эмомалӣ дар баробари ФФТ, ҳамчунин CAFA-ро роҳбарӣ мекунад.

▸▸ *Пешниҳод*

"РУСТАМ - АРЕНА" ДАР ПОЙТАХТ

Рустам - қаҳрамони асосии ҳаммосаи миллиямон "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ барои мо ориёиҳо намоди паҳлавонӣ, шуҷоатмандӣ, таҳамтанӣ, қаҳрамонӣ, диловарӣ, ҷасорату чолокӣ, матонат ва албатта ватандӯстӣ мебошад.

Хуб мешуд, ки варзишгоҳи тозабунёдро, ки бо ибтикори шаҳрдори бунёдкору ободкорамон Рустами Эмомалӣ дар пойтахт сохта мешавад, "Рустам - арена" унвон диҳанд.




Абдуқодир ТАЛБАКОВ,
журналист

▸▸ *Нигаронӣ*

АФЗОИШИ САГҲОИ ДАЙДУ

Аз оқибати нохуш пешгирӣ мебояд

Дар телеграмканали pressa.tj хабареро мутолиа кардам. Бошандагони шаҳри Кӯлоб аз зиёд шудани сагҳои дайду шикоят мекунанд. Чунин сагҳо қариб ба 800 нафар, аз ҷумла кӯдакон ҳамла кардаанд.



Дар ин бора Фаттоҳ Саидов - сардори Маркази таъминоти бехатарии озуқавории минтақаи Кӯлоб ва Рустам Нуралиев - раҳбари Маркази таъминоти бехатарии озуқавории шаҳри Кӯлоб хабар додаанд.

Ин хабарро хондаму дар бораи пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе андеша кардам, ки феълан дар ин ҷо низ теъдоди сагҳои дайду афзоиш ёфтааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Сино (кӯчаҳои Шерализода ва Ҳувайдуллоев) селаи сагҳои дайду гаштугузор мекунанд, вале касе ба ин мушкилӣ расидагӣ намекунад. Сагҳои дайду дар ҳудуди ноҳияи Исмоили Сомонӣ ҳам ҳастанд ва дар хиёбонҳо гаштугузор мекунанд. Раваду ин сагҳо ба касе ҳамла кунанд, чӣ? Худо нигоҳ дорад, вале ба кӯдаке дарафтанд? Кӣ посух медиҳад?

Аз мақомоти шаҳри Душанбе хоҳиш мекунам, ки мушкили сагҳои дайдуро ҳал кунанд. Чанд аксеро, ки рӯзҳои охир аз кӯчаҳои пойтахт бардоштам, ҳамчун далел пешниҳод мекунам.

Б. БОБОҶОНЗОДА,
сокини шаҳри Душанбе



АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



Аҳолии Тоҷикистон соли 2023 дар ҳаҷми 87,8 миллион сомонӣ сабикаҳои тиллоӣ харидаанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки дар баробари Бонки миллӣ боз чанд бонки дигар ҳуқуқи фурӯши сабикаҳои тиллоиро доранд. Фурӯши сабикаҳои тиллоӣ аз 10 то 100 грамм барои аҳолӣ пешниҳод карда шудааст. Ба гуфти ӯ, сабикаҳои тиллоӣ роҳи боэътимоди нигоҳдорӣ ва афзоиши сармоя, инчунин имкони сармоягузорӣ ба металлҳои қиматбаҳо мебошад.



Дар Тоҷикистон 2 ҳазор табиб ва наздики 400 корманди миёнаи тиббӣ намерасанд.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки норасоии кормандони миёнаи тиб проблемаи ҷиддӣ нест.

Тибқи иттилои вазир, норасоии табибон дар минтақаҳо чунин аст:

Хатлон - 748 табиб, Суғд - 545 табиб, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ -361 табиб, ВМКБ - 23 табиб.



Амонатбонк ба муштариён барои хариди манзил 29 миллион сомонӣ қарзи ипотека дод. Ин маблағро 118 нафар дар соли 2023 ба даст овардаанд. Муҳлати қарзи ипотека то 10 сол буда, бо доллар 10 фоиз ва бо сомонӣ 22 фоиз аст.

Дар ин бора раиси тозатаъини Амонатбонк Алиҷон Салимзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ҳамчунин, номбурда гуфт, ки Амонатбонк дар соли 2024 ҳам қарзҳои имтиёзнокро ба аҳолӣ пешниҳод хоҳад кард. Зеро айни замон талабот ва таваҷҷуҳи мардум ба қарзҳои имтиёзноки Амонатбонк бештар шуда истодааст.

Гӯшаи нави **"ПОЙТАХТ"** дар ҳафтаномаи **"ТОҶИКИСТОН"** фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед. • **E-MAIL:** tojikiston@pressa.tj • PRESSA.TJ • **ТЕЛ:** 93-111-08-61

Зикри хайр

СЕ ТАЛАФОТИ ЯК ҲАФТА

ҚУТБИДДИН МУХТОРӢ

7-уми феврал журналист, доктори илмҳои филологӣ, устоди факултаи журналистикаи ДМТ, профессор Қутбиддин Мухторӣ аз олам даргузашт. Сабаби марги ӯ сактаи қалб гуфта мешавад.



Қутбиддин Мухторӣ 28-уми ноябри соли 1970 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, мактаби миёнаи №19-и зодгоҳашро хатм кардааст. Хатмкардаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (имрӯза ДМТ) дар соли 1993 мебошад. Ӯ инчунин фориғуттаҳсили курси дусолаи Донишгоҳи Стокголм аз рӯйи ихтисоси кори иҷтимоӣ буд. Ӯ аз соли 1998 то кунун дар факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба рӯзноманигорони ҷавон дарс мегуфт.

Рисолаи номзадиро соли 2002 ва рисолаи докториро соли 2020 дифоъ кардааст.

АВАЗ ЮЛДОШЕВ

9-уми феврал журналисти шинохта Аваз Юлдошев дар синни 62 аз олам чашм пӯшид.



Номбурда 29-уми январи соли 1962 дар ноҳияи Бойсуни Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Баъди хатми шуъбаи журналистикаи ДМТ дар рӯзномаи “Тоҷикистони Советӣ” фаъолият дошт. Баъдан, чандин сол дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” кор кард. Баъд аз таъсиси Агентии мубориза бо маводи мухаддир Аваз Юлдошев ба ҳайси раҳбари дафтари матбуоти ин идора ба кор пазируфта шуд ва чандин сол дар онҷо кор кард. Баъди бознишаста шудан хабарнигори “Азия Плюс” буд.

МИРСАЛИМ АШӮРОВ

9-уми феврал дар шаҳри Хуҷанд сарояндаи машҳури “Шашмақом”, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Мирсалим Ашӯров аз олам даргузашт. Марҳум 58 сол дошт.



Мирсалим Ашӯров соли 1966 дар деҳаи Зимтӯди ҷамоати Ворӯи шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст, вале солҳои зиёде дар шаҳри Хуҷанд кору зиндагӣ кардааст. Мирсалим Ашӯровро аз парвардаҳои мактабҳои бузурги овозхонии устодоне чун Ҷӯрабек Муродов, Боймуҳаммад Ниёзов, Одина Ҳошим, Зафар Нозим, Усто Сироҷ, Баён Облоқулов ва Аслидин Мастонов мешуморанд. Ӯ дар хондани таронаҳои шоирони муосир дар сабки мусиқии классикӣ маҳорати тамом дошт ва ба даҳҳо шеъри устоди равоншод Лоиқ Шералӣ ва дигар шоирони тоҷик оҳанг бастааст.

ТОҶИКОН МИЛЛАТИ БУЗУРГАНД!

Дар шумораи қаблии ҳафтаномаи “Тоҷикистон” (№6, 7.02.24) суҳбати рӯзноманигор Одил Нозирро бо аввалин Сафири Тоҷикистон дар кишварҳои араб Назруллоҳи Назар хондам.

Назруллоҳ бо камина ҳамсол будаанд. Он касро, ки ба 75-солагӣ расидаанд, самимона табрик мегӯям. Дар он солҳое, ки он кас дар кишвари араб фаъолияти сиёсӣ доштанду миллаташонро ҳамчун як тоҷики асил ба арабҳо муаррифӣ кардаанд, аҳсан. Аз ин лиҳоз Назруллоҳро дар қатори ҳамон тоҷиконе медонам, ки Пайғамбарамон Муҳаммад (с) Салмони форсро баҳои баланд дода буданд: “Қавми Салмони Форс илмро аз ситора канда меорад”.

Лекин камина ба андешаи Н. Назар розӣ нестам, ки гуфтаанд: “Арабҳо бузурганд, вале мо ҳам кам нестем”. Не, акаи Назрулло, мо бузургтарем!

Н. Назар бузургии арабро ба Пайғамбар ва китоби “Қуръон” рабт додаанд, ҳол он ки, ин ду на фақат ба аъроб, балки ба кулли олами Ислом мансубанд.

Дигар ин ки, хизмати бузургони ниёгони мо дар пойдорӣ ва пешрафти дини Ислом ниҳоят бузург аст, аз ҷумла саҳми Имом Бухорӣ, Ибни Сино, Берунӣ, Имом Ғаззолӣ, Форобӣ, Мавлонои Балхию Аттор ва садҳои дигар. Президенти мо, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Симпозиуми Имоми Аъзамро дар сатҳи байналмилалӣ гузарониданд, ки худи арабҳо ангушти ҳайрат газиданд. Ҳамчунин, Ҷаноби Олӣ дар қатори 500 нафар пурифтихортарин мусулмонони дунё шомил шуданд, ки ифтихори мо тоҷикон аст.

А. МАҶИДЗОДА,
ноҳияи Фархор

ДИҚҚАТ! ОЗМУН!

“ДОСТОНИ ТАВЛИДИ ТОҶИКИСТОН”

Ибтидои асри XX вазнинтарин давра дар таърихи тоҷикон буд. Дар ин давра кӯшиши инкори мавҷудият ва муқимияти тоҷикон дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби гурӯҳҳои бадхоҳи миллати тоҷик роҳандозӣ шуд. Зери таъсир ва таҳдид ҳатто як иддаи тоҷикон бо онҳо пайвастанд. Бозиҳои сиёсии бузургдавлатон заминаи миллат барпо кардани ҷумҳуриҳоро ба миён овард. Зеро он василаи хуби тафриқа андохтану ҳукумат рондан буд. Чунин ҳам шуд. Ҷойи мардуми муқимии шаҳрнишини тоҷикистон - Тоҷикистони имрӯза дар ҳайати РСС Ӯзбекистон муқаррар мешавад. Ва он ҳам бар асари ҷонбозиҳо ва фидокориҳои фарзандони фарзонаи миллат.

Ин моҳи октябри соли 1924 буд, баъдтар соли 1929 Тоҷикистон ҷумҳурии алоҳида дар ҳайати ИҶШС ва соли 1991 соҳибистиқлол шуд.

Ҳарчанд китобу мақолаҳои зиёде дар ин бора навишта шуда бошанд ҳам, саҳифаҳои торики тавлид ва такмили давлат ва далатдории тоҷикон дар ин давраи таърихӣ зиёд аст.

Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба саҳифаҳои норӯшани таърих, ҷоннисориҳои фарзандони асил, зиндагиномаи онҳо... ҳафтаномаи “Тоҷикистон” тасмим гирифт бахшида ба 100-солагии давлати Тоҷикистон (ҳарчанд мо соли 1991 истиқлоли воқеӣ ба даст овардем) озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро роҳандозӣ кунад.

Дар он ҳар нафар бо навиштаҳояш (лавҳа, очерк, мақола, хотирот, мусоҳиба, таърихча ва ғайра) дар бораи лаҳзаҳо, асноди таърихӣ, сарнавишти онҳое, ки барои бунёди давлати Тоҷикистон талош ва ҷонбозӣ карданд, метавонад ширкат варзад.

БАРОИ ҒОЛИБОН СЕ МУКОФОТ МУҚАРРАР ГАШТААСТ:

Ҷойи аввал 5 000 сомонӣ
Ҷойи дуюм 3 000 сомонӣ
Ҷойи сеюм 2 000 сомонӣ

Ҳамчунин, ғолиби ҷои аввал бо Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи “Тоҷикистон” - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳи Шерализода сарфароз мегардад.

Озмуни “Достони тавлиди Тоҷикистон” то моҳи октябр идома меёбад ва дар арафаи 100-солагии таъсиси Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Маводҳои беҳтарин дар шакли китоб чоп мешаванд.

Ҳамчунин бо муаллифони маводи баргузида мусоҳибаи видеоӣ анҷом дода мешавад.

Дар маводҳои пешниҳодшуда навиштори барои “Достони тавлиди Тоҷикистон”-ро фаромӯш накунед.



Маводҳои худро ба суроғаи электронии
tojikiston@pressa.tj
фиристед.

Телефон барои маълумот:
933507020

Зикри хайр

“САФИНА” ДУХТАРОНАШРО НАПАРТОФТ

Ин муҷассамаи сангин, ки дар он 5 нафар духтарон тасвир ёфтаанд, намоди духтарони сангшудаи “Чилдухтарон”-и н. Муъминобод аст.

Муҷассама, ки баландиаш тақрибан 1 метр аст, то 13-уми декабри соли 2023 назди бинои қаблии ТВ “Сафина” (Бухоро 43) ҳамчун ёдгории таърихӣ гузошта шуда буд. ТВ “Сафина” ба бинои нав кӯчид (Беҳзод 25) ва баъди оғози тахриби бинои куҳна ин муҷассамаро ҳамчун рамзи таъриху асолат, фарҳангу тамаддун ва покиву зебоӣ ба бинои нав овард.



С. ДАВЛАТЗОДА

БОХТАР: РАИСИ НАВ МУШКИЛИ КУХҲНАРО ҲАЛ МЕКУНАД?

Қисме аз бинои Муассисаи томактабии рақами 7-и шаҳри Бохтар валангор аст. Мутаассифона, бо гузашти беш аз даҳ сол ва иваз шудани чанд раис мушкили мавриди назар бартараф нагардид.



Гурез аз суҳбат

Чанде пеш мо барои дидани Муассисаи томактабии рақами 7-и шаҳри Бохтар рафтем. Шаҳло Ҳотамова, мудири кӯдакистон нахост дар масъалаи таъмирталаб будани бинои кӯдакистон бо мо суҳбат кунад. Фақат гуфт: “Ман нав чор моҳ шудаст, ки мудир таъин шудам. Дар ояндаи наздик ин мушкилӣ бартараф карда мешавад”.

Барои гирифтани маълумоти бештар ба шуъбаи маорифи шаҳр мурочиат кардем. Шоиста Абдуназарзода, мудири шуъбаи маорифи шаҳр низ шарҳи масъаларо ба дӯши Фаридун Сайдаҳмадзода, сармутахассиси шуъбаи маориф гузошт.

Тирезаҳои клеёнкапеч

Фаридун Сайдаҳмадзода дар суҳбат гуфт, ки барои шуруъ кардани корҳои сохтмонӣ мудири кӯдакистон дархост кардааст ва бо ҳиссаи бучети маҳаллӣ сохтмони қисмати вайронаи бино оғоз мегардад. Ӯ афзуд, ки дару тирезаҳои ошёнаи якуми бино пурра иваз шудааст.

“Ошёнаи якум таъмири замонавӣ шудааст. Мо дару тирезаҳоро пурра иваз кардем. Ҳамаи онҳо замонавӣ, пластика монда шудаанд”,- афзуд ӯ.

Вале аз мушоҳидаи мо маълум шуд, ки дару тирезаҳо замонавӣ нестанд. Барои гарм нигоҳ доштани дохили ҳучраҳо аз дохили тирезаҳо “клеёнка” кашида шудааст.

Ваъдаи раис

Абдулмаҷид Муминзода, иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бохтар дар аввалин нишасти хабарии хеш гуфт, ки «мо аллакай аз кӯдакистон дидан кардем». Ӯ афзуд, ки як қисми бино ба таъмир фаро гирифта шудааст ва дару тирезаҳои қисмати дигари бино бошад, кухна ва аз соли бунёди кӯдакистон боқӣ мондааст.

- Мо супориш додем, то харҷнома пеш аз ҳама барои иваз кардани дару тирезаҳои кӯдакистон тартиб дода шавад. Ин масъала таҳти назорати худам меистад. Дар рӯзҳои наздик мушкил пурра ҳал карда мешавад,- таъкид кард вай.

Ёдовар мешавем, ки феълан дар шаҳри Бохтар 22 муассисаи томактабӣ бо фарогирии зиёда аз 3 ҳазору 190 кӯдак фаъолият доранд.


Машраби АЛОВИДДИН,
“Тоҷикистон”

АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



Давоми соли 2023 дар вилояти Суғд 10 нафар бо мақсади худкушӣ худро ба дарё партофтаанд.

Дар ин бора сардори Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани дар вилояти Суғд Ҷамшед Кӯчаков хабар дод. Иттилоъ дода шуд, ки давоми сол дар кӯлу дарё ва обанборҳои шаҳру навоҳии вилоят 55 ҳодисаи ғарқшавӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 13 ҳолат зиёд мебошад.



Маркази стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо дар вилояти Суғд давоми соли 2023 ба маблағи 15 миллиону 298 ҳазору 368 сомонӣ маҳсулоти пастсифатро ошкор кард.

Ғайбулло Муҳиддинов - сардори ин ниҳод таъкид кард, ки мутахассисон дар ин давра ба миқдори умумии 8 ҳазору 579 кг маҳсулоти истеъмолӣ ва 5 ҳазору 80 литр нӯшокиҳои ташнагишикану машруботи спиртӣ ошкор карда, бинобар ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ набудан, нобуд сохтаанд.



Соли гузашта дар шаҳри Вахдат 15 корхонаи саноатӣ бунёд шудааст. Инҳо корхонаҳои истеҳсолу коркарди маҳсулоти сохтмонӣ, кишоварзӣ, филизӣ, селофан ва хӯрокворӣ мебошанд.

Раиси шаҳр Мирзо Исмоилзода гуфт, ки дар соли 2023 таваҷҷуҳи бештар ба соҳаи иҷтимоӣ дода шуд. Давоми сол соҳаи маориф 30 миллиону 160 ҳазор сомонӣ ва соҳаи тандурустӣ 6 миллиону 415 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети маҳаллиро бештар азхуд кардаанд, ки мутаносибан 20,6 ва 21,4 фоизро ташкил медиҳад.

Аз нишасти матбуотӣ

СОҲИБКОРӢ РУШД МЕЁБАД



Солҳои охир дар ноҳияи Фархор ба ривоҷу равнақу дастгирии соҳибкорӣ диққати махсус медиҳанд.

Тавре раиси ноҳияи мазкур Назирӣ Зариф иттилоъ дод, 235 нафар соҳибкорон тибқи патент, 1134 нафар бо шартномаҳо дар созандагию ободониҳои ноҳия ҳисса мегузоранд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳия 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 9,4 миллион доллари амрикоӣ амалӣ шуда истодааст. Маҳз бо туфайли соҳибкорон дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ порсол 83 адад иншооти истеҳсолӣ азнавсозӣ шуда, мавриди бахрабардорӣ қарор гирифтаанд. Дар се соли минбаъдаи саноатикунонии босуръати кишвар дар Фархор 245 номгӯй биною иншоот ба истифода дода хоҳанд шуд.

ЧАРО БАРНОМА СУСТ АМАЛӢ МЕШАВАД?



Дар давоми солҳои 2021-2025 дар асоси Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб бояд ба маблағи зиёда аз 7 млрд сомонӣ лоиҳаҳо амалӣ гарданд. Вале дар чор соли амалӣ шудани барнома ҳамагӣ 1 миллиарду 58 миллион сомонӣ ё 16,1 фоиз аз худ шудааасту халос.

Оё дар ду соли боқимонда 6 миллиард сомонии дигар маблағҳо масраф мешуда бошанд? Бояд дар ин бора андеша кард.

Дар рафти нишасти матбуотӣ раиси шаҳр Бахтиёр Назарзода Худоёр ба суолҳои хабарнигорон оиди бунёди корхонаҳои бофандагӣ, ресандагӣ, қандбарорӣ, омодашави чойҳои нави корӣ, нашри китоби энсиклопедияи шаҳр, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ва ғайра ҷавобҳои мушаххас дод. Хушнудкунанда он аст, ки худи ҳамин сол дар мавзеи Кӯли ҷавонон мактаби махсуси наврасони футбол таъсис хоҳад ёфт.

36 ДОНА ТУХМ КАМ НЕСТ?



Мувофиқи меъёрҳои муқарраргардидаи истеъмоли озуқавории шаҳрвандони ҷумҳурӣ, дар як сол ҳар як одам бояд 350-400 дона тухм ва 9 кило моҳӣ истеъмол кунад.

Дар нишасти матбуотии раиси ноҳияи Темурмалик Ҳасанзода Шералӣ маълумот дода шуд, ки хоҷагидорони ноҳия дар соли 2023-юм 2 миллиону 690 ҳазор дона тухм ва 4 тонна моҳӣ истеҳсол кардаанд. Вале тухми истеҳсолнамудаи ноҳия ба ҳар як нафари аҳолии ноҳия 36-донагӣ, моҳӣ бошад, 0,005-граммӣ мерасад.

Пас, месазад, ки масъулини ин соҳа барои истеҳсоли зиёди тухму моҳӣ чораҳои муфиду ҷавобгӯи талаботи замон андешанд.

ДУ МУШКИЛОТИ ВОСЕЪ



Дар нишасти матбуотии раиси ноҳияи Восеъ Ҷамшед Шарифзода оиди ҳолати обҳои партов, танбашавии роҳи наздиқи бозор, савдои кӯчагӣ, вазъи ногувори молиявии дастаи футболи «Файзканд», қонуншиканиҳои оиди замин рӯзноманигорон изҳори нигаронӣ карданд.

Дар бораи ғасби заминҳои муассисаҳои таълимӣ аз тарафи шаҳрвандон низ фактҳои зиёд ошкор карда шудаанд. Қариб як соли охир ҳамин гуна ғасби замини мактаби №12 ба қадри 1 гектар то ҳол аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳалли мусбат худро наёфта истодааст. Ду проблемаи актуалии Восеъ солҳост ҳали худро намеёбанд. Инҳо 14 пули хатарзо ва то ҳол мавҷуд набудани хати канализатсия дар маркази ноҳиянд.

Нурулло ҲАСАНОВ

Мануэл Микаллер:

СЕ МУЪҶИЗАЕ, КИ ДИЛИ МАРО БА

ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БО САФИРИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶАНОБИ МАНУЭЛ МИКАЛЛЕР СУҲБАТЕРО АНҶОМ ДОД, КИ ОНРО ПЕШКАШИ ХОНАНДАГОН МЕНАМОЕМ.



Аз кумакҳои бебозгашт то дипломатияи фарҳангӣ

- Амрико яке аввалин кишварҳоест, ки истиқлоли Тоҷикистонро эътироф намудааст. Имрӯз шумо вазъи кунунии равобити ИМА ва Тоҷикистонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Барои таҳкими робитаҳо кадом стратегияҳо роҳандозӣ шудаанд ё пешниҳод мекунед?

- Муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкории Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз се даҳсола аст, ки идома дорад. Шарикии мо субот дар минтақа, соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва беҳбуди вазъи зиндагии шаҳрвандонро таъмин мекунад. Воқеан ҳам, ман мефахрам, ки ИМА яке аз аввалинҳо шуда, истиқлоли Тоҷикистонро эътироф намуд. Дар тӯли таърихи равобити ИМА бо Тоҷикистон, мақсаду амалҳои мо ҳамеша шаффоф, мураттаб ва амиқ ҳастанд. Ин бевосита дастгирии соҳибихтиёрӣ ва мустақилият мебошад. Мақсади мо дар ҳамбастагӣ кор бо шарикони тоҷик барои ҳифзи ягонагии марзӣ ва рушди кишвар аст, то ки сатҳи зиндагии мардум беҳтар гардад.

Дар марҳилаи ҳамкорӣ ҷониби Амрико ба Тоҷикистон дар ҳаҷми зиёда аз 2 миллиард доллар кумаки грантӣ пешниҳод кард. Ин маблағ ба соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла амният, мудофиа, маорифу тандурустӣ, кишоварзӣ, рушди тиҷорат, барномаҳои мубодилавӣ ва дигар самтҳои муҳим равона шудааст.

- Ҷаноби Сафир, шумо ишора ба амният ва суботи минтақавӣ кардед. Чӣ гуна Амрико метавонад ба Тоҷикистон дар рафъи чолишҳо фаъолона кумак кунад?

- Мо дар таъмини суботи минтақа шарикиро бо Ҳукумати Тоҷикистон дар самти таъмини амният ва рафъи таҳдидҳои беруна хуб ба роҳ мондаем. Мо солҳои зиёд аст, ки барои пуркувват намудани сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ҳамкорӣ дорем. Баҳри пешгирии хатарҳое, ки ҳамаи мо бо он рӯ ба рӯ шудаем, ба монанди терроризм ва ифротгароии хушунатомез, таҳдидҳои дигар аз тарафи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва алалхусус нашъаҷаллобон муброзиза мебарем. Вале мо ин мушкилотро ҳамчун мушкилоти минтақавӣ баррасӣ мекунем. Бо эътирофи он, ки вокунишҳои дарозмуддати устувор албатта бояд дигар кишварҳои минтақаро низ дар бар гиранд.

Дар чорчӯбаи пружаи С5+1 мо бо Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя бобати пешгирии ҳамин таҳдидҳо ҳамкорӣ мекунем. Инчунин, бобати арзёбии ҳолатҳое, ки ба пайдошавии ифротгароии хушунатомез меоварад. Ин ба таври мушаххас ҷиҳати тақвияти робитаҳои иқтисодӣ дар минтақа аст. Ин энергетика, интиқоли об ва тартиби савдои байнисарҳадиро дар бар мегирад.

Дӯстони тоҷики ман ҳамеша мегӯянд, ки об ҳаёт аст. Воқеан, дуруст аст. Об ба масоили солимӣ ва инкишофи кӯдакон таъсир мерасонад. Об имрӯз масъалаи иқтисодӣ низ ҳаст. Боиси хурсандӣ буд, ки ҳангоми сафар ба қисми шимоли Тоҷикистон мисоли хуби ҳамкориро байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Амрико дар самти лоиҳаи байнисарҳадии ирригатсионӣ дидам, ки барои таъмини об ба хоҷагидорони Тоҷикистон ва Қирғизистон амалӣ шуда истодааст.

Ман ҳамеша дар вохӯриҳо ба намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон мегӯям, ки вақте онҳо дар ҷустуҷӯйи сармоягузории бештар аз Амрико ҳастанд, бояд бо сармоягузорони амрикоии аллакай дар инҷо фаъолиятдошта муносибати одилона дошта бошанд. Зеро онҳо беҳтарин таблиғотчиён баҳри ҷалби сармояи иловагӣ аз ИМА мебошанд.

Масъалаи дигар дар ҳошияи ташаббуси С5+1 аст. Бисёр хушнудам, ки соли гузашта дар ҳошияи ин ташаббус мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Амрико Ҷо Байден дар шаҳри Ню-Йорк баргузор шуд. Дар рафти мулоқоти ҷонибҳо масоили гуногун, таъмини амният ва суботи минтақа баррасӣ гардид. Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон оид ба тағйирёбии иқлим ва таҳдидҳое, ки ҳамчун хатари глобалӣ барои ҳамаи моянд, ишора кард. Президенти Амрико низ ба ин пешниҳоди Тоҷикистон ҳамфикр аст. Ман барои ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми он баҳри рафъи хавфҳои вобаста ба тағйироти иқлим тайёрам.

- Табодули санъату фарҳанг, муносибати ҷомеа дар ташаккули дипломатия нақши муҳим мебозанд. Аҳамияти инро дар таҳкими равобити дипломатӣ байни Амрико ва Тоҷикистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Албатта, ин муҳим аст. Зеро ҳамаи масъалаҳое, ки мо баррасӣ менамоем, иртибот ба фарҳанг ва муносиботи дуҷониба мегиранд. Ман ҳамеша аз шаҳрвандони Амрико даъват менамоям, ки Тоҷикистонро аз наздик бинанд. Бо фарҳанг, таърих, маданияти ин кишвар ошно шаванд. Аслан, рафтуомад бояд дуҷониба бошад. Яъне, тоҷикон низ тавонанд аз фарҳанг ва имконоти кишвари ман бархӯрдор гарданд. Дар ин росто, мо ба соҳаи маориф ва барномаҳои мубодилавии омӯзишӣ таваҷҷуҳ ва имкони зиёд додаем.

- Оё оморе доред, ки чӣ қадар шаҳрвандони Тоҷикистон тавассути барномаҳои омӯзишии Сафорат ба Амрико рафтаанд?

- Беш аз 7500 шаҳрванди Тоҷикистон тавонистанд тавассути барномаҳои омӯзишӣ ба ИМА сафар карда, дар онҷо таҳсил кунанд. Ин барномаҳоро Амрико маблағгузорӣ мекунад. Ин толибилмон дар тӯли таърихи ҳамкории ИМА ва Тоҷикистон тавонистанд аз имконоти мавҷуда баҳра бардоранд.

Мо барномаҳои мухталиф дорем. Шуруъ аз барномаи Фулбрайт то барномаи Флекс ва инчунин барномаҳои марказҳои амрикоӣ, ки дар шаҳри Душанбе ва берун аз он амал мекунанд. Кормандони Сафорат зиёд заҳмат кашида истодаанд, то таҷриба ва санъати Амрикоро низ ба Тоҷикистон ованд. Барои мисол, мо ансамблҳои мусиқавиро ба Тоҷикистон даъват кардем, то дар фестивали этно-ҷаз ширкат варзанд.

Мақсад аз ин талошҳо натанҳо фароҳам овардани мубодилаи фарҳангӣ, балки бештар ошно шудан бо анъанаҳои муштараки ду кишвар аст.

Сирри ҷалби сармоягузорони Амрико ва ғалабаи дастаи Оугвей комикси Хуҷанд

- Ҷаноби Сафир, дар робита ба илм ва инноватсия назари шуморо донистан мехоҳам. Амрико дар ин самт барои Тоҷикистон кадом корҳоро анҷом додааст? Шумо кадом бахши муассирро барои ҳамкорӣ ва пешрафт байни Амрико ва Тоҷикистон пешниҳод доред?

- Аз рӯйи дидгоҳи ман, афзалияти калидӣ - ин маориф мебошад. Ба ғайр аз дастгирие, ки мо бевосита ба бархе аз муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон пешниҳод мекунем, инчунин мехостам оид ба баъзе барномаҳои аз тарафи марказҳои амрикоӣ татбиқшаванда сухан гӯям. Дар илова ба курсҳои омӯзишии забони англисӣ ва барпо намудани чорабиниҳои фарҳангӣ, ман шоҳиди он будам, ки дар марказҳои амрикоии мо дар Душанбе, Бохтар

ТОҶИКИСТОН ГАРМ КАРДААСТ

ва Хуҷанд бениҳоят корҳои назаррас аз тарафи ҷавонони маҳаллӣ ва алалхусус духтарон ба анҷом расонида шудааст. Дидам, ки наврасон оид ба кодгузории (Coding) компютерҳо, робототехника ва ихтироот хеле фаъол буданд. Ҳамаи ин ташаббусҳо тавассути барномаи STEM (илм, технология, инженерия ва математика) татбиқ шуда истодаанд. Як мисоли мушаххасро мехостам ба самъи шумо расонам ва бори дигар дастаи Оугвей комиксро аз Хуҷанд табрик гӯям, ки яке аз 10 ғолибони глобалие буданд, ки дар озмуни Наса Спейс Эпс Челендж (NASA Space Apps Challenge) бар муқобили 120 даста рақобат карданд. Он аз тарафи NASA (Агентии миллии Амрико оид ба ҳавонавардӣ) ташкил шуда буд. Бисёр мефахрам, ки бо ҷавонони инҷо вохӯрдам. Ман худамро дар синну соли ин наврасон ба ёд меорам. Ин чизе ҳаст, ки ба ман умеди бузургро барои ояндаи кишвари шумо мебахшад.

Инчунин, мо барномаи GoViral дорем, ки дар самти технологияҳои пешрафта лоиҳаҳоро татбиқ менамояд. GoViral олимони ҷавонро бо соҳибкорони соҳаи HiTech, яъне технологияҳои пешрафта ба ҳам меоварад. Инчунин, доираҳои муҳандисону олимонро бо ҳам мепайвандад, то онки онҳо технологияҳои навро ихтироъ намоянд. Бояд қайд кард, ки ин барномаҳо дар ҳамаи 8 марказҳои амрикоӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд. Инчунин, барои рӯзноманигорон курсҳои махсуси омӯзиши забони англисиро ба роҳ мондем, ки чандин сол инҷониб идома дорад.

- Дар заминаи равобити иқтисодӣ, махсусан таваҷҷуҳ ба сармоягузории хориҷӣ, шумо барои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Тоҷикистон кадом афзалиятҳо ва стратегияҳоро пешниҳод мекунед?

- Вақте ки мо бо ҷониби Тоҷикистон вомехӯрем, онҳо пайваста бобати зарурияти ҷалби зиёдтари сармоягузорони Амрико сухан мекунанд. Мақсади ман ҳам чунин аст. Зиёд мехоҳам, ки маҳсулот ва хизматрасонии амрикоӣ дар Тоҷикистон бошад. Сайёҳон ва мардуми Амрико ба кишвари шумо оянд. Маҳсулоти амрикоӣ зиёд барои мардуми Тоҷикистон дастрас бошад.

Албатта, савол ба миён меояд, ки чиро мо, яъне ҳарду давлат дар якҷоягӣ бояд ба анҷом расонем барои ҷалби ин гуна сармоягузорӣ?

Чизе, ки ба он сармоягузорони амрикоӣ аҳамият медиҳанд, албатта айнан ҳамон масоилест, ки мавриди таваҷҷуҳи дигар сармоягузорони хориҷӣ мебошад. Онҳо мехоҳанд муҳити соҳибкории муназзамро бубинанд, қонунгузории пешгӯишаванда, муносибати одилона ва шаффоф, ба истилоҳ қоидаҳои возеҳу равшани роҳ. Яъне, агар ҳамаи ҳамин қадамҳоро якҷоя монда, ба талабот ҷавобгӯй шавем, на танҳо метавонем сармоягузорони Амрико, балки дигарҳоро низ, аз ҷумла сармоягузорони Аврупо, Ховари Миёна ва Осиёро ҷалб кунем. Ин манфиати муштараки мо мебошад.

- Ба фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон чӣ назар доред?

- Ман ҳамеша дар вақти вохӯриҳо ба намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон, ҳамкасбони худ мегӯям, ки вақте онҳо дар ҷустуҷӯйи сармоягузории бештар аз Амрико ҳастанд, бояд бо сармоягузорони амрикоии аллакай дар инҷо фаъолиятдошта муносибати одилона дошта бошанд. Зеро онҳо беҳтарин таблиғотчиён баҳри ҷалби сармояи иловагӣ аз ИМА мебошанд. Ин аст сирри ҷалби сармоягузорони Амрико.

Тоҷикистон иқтидори бузург дорад. Шуруъ аз табиати зебо, ки метавонад баҳри ҷалби сайёҳон муфид бошад ва то ба захираҳои бузурги табиӣ, ки иқтисодиёти ҷаҳонии ояндаро таъмин мекунанд. Инчунин захираи инсонӣ, талоши ҷавонони тоҷик, ки аз донишҳои замонавӣ бархӯрдоранд. Ман ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон хушбин ҳастам. Аммо бояд бо ҳам хубтар кор кунем, то аз ҳамон қадамҳои зарурӣ гузашта, фазои сармоягузориро тавассути такмили қонунгузорӣ, имтиёзҳову дигар муқаррарот беҳтар намоем.

Тоҷикистон иқтидори бузург дорад. Шуруъ аз табиати зебо, ки метавонад баҳри ҷалби сайёҳон муфид бошад, то захираҳои бузурги табиӣ, ки иқтисодиёти ҷаҳонии ояндаро таъмин мекунанд.

Се муъҷизаи Тоҷикистон аз нигоҳи сафири Амрико

- Шумо ба чандин минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла вилоятҳои Суғду Бадахшон сафар доштед. Чӣ таассурот бардоштед?

- Ҳангоми фаъолият дар Тоҷикистон, ҳадафи ман сафар ба тамоми минтақаҳои ин кишвари аҷоибу зебо мебошад. Бояд қайд кунам, ки дар Тоҷикистон се чиз маро бениҳоят мафтун кард.

• **Якум,** *табиати зебою нотакрор. Табиати инҷо хеле зиёд ба ёдам манзараҳои ватанамро меорад. Ман аз Калифорнияи шимолӣ ҳастам. Ҳаёти кишоварзӣ, кӯҳҳо ва иқлими мо хеле ба Тоҷикистон монанд аст.*

• **Дуюм,** *дараҷаи баланди меҳмоннавозии тоҷикон. Бароям хеле писанд омад: чеҳраи кушод, хӯрокҳои болаззат... Дар ҳақиқат худро дар Тоҷикистон ҳамчун дар хонаи худ, дар Калифорния ҳис мекунам. Пазироии гарме, ки тоҷикон ҳамеша ба ману оилаам мекунанд, хеле хушҳол мешавем.*

• **Сеюм,** *гуногуншаклии санъату фарҳанги ин кишвар. Зеро ин яке аз ҷанбаҳое мебошад, ки кишварҳоямонро хеле ба ҳам монанд нишон медиҳад. Мо неру ва боигариро дар ана ҳамин рангорангӣ ё гуногуншаклӣ мебинем. Ин анъанаҳои ғании фарҳангӣ, таърихи пуршараф ва қадимаи халқи тоҷик шуруъ аз адабиёт то ба санъату фарҳанг ва либосҳои миллиро дар бар мегирад. Ин бевосита чизҳое мебошанд, ки ҳар вақте ба минтақаҳои Тоҷикистон сафар кардам, дидаму хеле писандам омаданд.*

Як рӯзи Сафир

- Мегӯянд, ки барои инсон пурқимматтарин чиз вақт аст. Шумо онро чӣ тавр истифода мекунед? Як рӯзи шумо чӣ хел мегузарад?

- Ман вобаста ба рӯзи ҳафта соати 4 ё 6-и субҳ аз хоб мехезам. Рӯзҳое, ки соати 4 аз хоб мехезам, 1 соатро ба варзиши бадан мебахшам, то худро дар ҳолати хуби ҷисмонӣ ва саломатӣ нигоҳ дорам. Баъдан, тайёрӣ барои вохӯрӣ ва ҷаласаҳои ба нақша гирифташуда мебинам. Пеш аз хона берун баромадан, ба нигоҳубини 2 саги худ низ машғул мешавам. Ғизо медиҳам, каме ба сайругашт мебарорам. Пас аз он ба сафорат меоям ва ба корҳои дохили идоравӣ, омодагӣ ба вохӯриҳои гуногуни сатҳи давлатӣ, дипломатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ машғул мешавам. Ҳар вақте ба хона баргардам, ҳаракат мекунам боз ҳам ба нигоҳубини сагҳоям машғул бошам. Боз тамрини сабуки бадан, истеъмоли ғизои дуруст, мутолиаи китобу дар вақти муайян истироҳат мекунам.

- Чӣ хоббӣ доред?

- Нигоҳубини ҳайвонҳои хонагӣ. Махсусан, парвариши сагҳоро зиёд дӯст медорам. Аммо ин чунин маъно надорад, ки ҳар рӯзи ман ба таври муқаррарӣ мегузарад.

Мусоҳиб:
Усмон РАҲИМЗОДА

P.S.

Идомаи мусоҳибаро бо Сафири ИМА дар Тоҷикистон Мануэл Микаллер атрофи дигар масоили мубрам дар шумораи навбатии "Оила" мутолиа намоед!



Мануэл Микаллер зимни суҳбат дар идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон"

Маълумонома

Мануэл Микаллер, дорандаи рутбаи вазир - мушовир, 22-юми июни соли 2022 ба вазифаи сафири ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда, аз ҷониби Сенати ИМА 13-уми декабри соли 2022 тасдиқ карда шуд. Ӯ 23-юми феврали соли 2023 вориди Тоҷикистон шудааст.

Мануэл Микаллер аз соли 2019 то 2022 ба ҳайси муовини роҳбари намояндагии Сафорати ИМА дар шаҳри Катмандуи Непал кор кардааст. Аз соли 2016 то соли 2019 муовини роҳбари намояндагии Сафорати ИМА дар шаҳри Улан-Батори Муғулистон буд. Қаблан ӯ муовини директори Дафтар оид ба масоили Ҳиндустон дар Бюрои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ (SCA) буд. Баъд аз он ба ҳайси мудири шуъбаи сиёсӣ ва иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи муовини роҳбари намояндагӣ дар шаҳри Душанбе, ба ҳайси корманди калон оид ба масоили иқтисодӣ дар Идораи минтақавии Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ (SCA) ва муовини сардори шуъбаи иқтисод дар шаҳри Работи Марокаш кор мекард. Ӯ дар Маркази амалиёти Департаменти давлатӣ ва Котиботи иҷроия дар шаҳри Маскави Русия ва шаҳри Ашқободи Туркманистон низ кор кардааст. Донандаи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебошад.

БОКС

МЕДАЛҲОИ НУҚРАИ МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК АЗ БУЛҒОРИСТОН

Муштзанҳои тоҷик дар мусобиқаи байналмилалии “Ҷоми Странҷа” ба хотираи поягузори бокс дар Булғористон ду медали нуқра ба даст оварданд,- хабар медиҳад шабакаи «Варзиш».



Ин мусобиқаи анъанавӣ бо иштироки 261 муштзан (178 мард ва 83 зан) аз 28 кишвари ҷаҳон аз 2-юм то 11-уми феврал дар пойтахти Булғористон - шаҳри София баргузор шуд. Дар ин мусобиқаи байналмилалӣ дар риштаи бокси ҳаваскорӣ мардон дар 13 вазн ва занон дар 6 вазн рақобат карданд.

Тоҷикистонро дар ин мусобиқаи пурнуфуз 9 варзишгар муаррифӣ карданд. Аз байни онҳо Асрор Воҳидов ва Миҷгона Самадова ба финал роҳ ёфтанд. Асрор Воҳидов дар рақобатҳо байни мардон дар вазни то 60 кило дар аввалин қувваозмоии худ дар даври чорякниҳоӣ бар Баям Азизбек уулу аз Қирғизистон бо қарори якдилонаи доварон (5:0) пирӯзӣ ба даст овард. Дар даври ниманиҳоӣ Асрор муқобили муштзани ӯзбекистонӣ Дилшод Абдумуродов дастболо шуда, ба финал баромад. Воҳидов дар даври ниҳоӣ аз муштзани ӯзбек Абдумалик Халоқов шикаст хӯрда, бо медали нуқра мукофотонида шуд.

Миҷгона Самадова дар сабқати занон дар вазни то 57 кило дар даври аввал ба рақибаш аз Ирландия Михаел Валш (4:1), дар даври дуюм бар Юлия Жеремета аз Лаҳистон (Полша) бо қарори якдилонаи доварон (5:0) ғолиб омада, ба даври ниманиҳоӣ роҳ пайдо кард. Миҷгона дар нимфинал бар Павлина Олга аз Юнон дастболо шуда, ба даври ниҳоӣ роҳ ёфт. Ӯ дар финал аз Светлана Каменоваи русиягӣ мағлуб шуда, барои ҷойи дуюм бо медали нуқра сарфароз гашт.

Дар воқеъ, Миҷгона Самадова, ки соли гузашта дар Бозиҳои 19-уми осиёӣ дар Ҳангжоуи Чин соҳиби медали биринҷӣ гардид, аз байни варзишгарони тоҷик аввалин шуда ба Бозиҳои олимпии Порис-2024 роҳхат гирифтааст.

ҶУДО

ШИРКАТИ 12 ҶУДОКОРИ ТОҶИК ДАР BAKU GRAND SLAM 2024



Аз 16 то 18-уми феврал мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо баргузор мешавад, ки ин навбат он дар пойтахти Озарбойҷон ист мекунад.

Baku Grand Slam 2024 пас аз Гран-прии Португалия ва Гранд-слами Париж сеюм мусобиқаи сатҳи ҷаҳонии ҷудо дар соли равон мебошад.

Федератсияи байналмилалии ҷудо хабар додааст, ки дар мусобиқа ҳудуди 500 варзишгари беш аз 65 кишвар ширкат хоҳанд кард. Аз ҷумла, Федератсияи ҷудои Тоҷикистон 12 варзишгар (8 мард ва 4 зан)-ро ба Озарбойҷон сафарбар хоҳад кард. Инҳо Муҳаммадсолеҳ Қувватов (-60 кг), Абубакр Шеров (-73 кг), Умедҷон Раҷабов (-73 кг), Сомонӣ Кишваров (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг), Мансур Раҳмон (-100 кг), Шакармамад Мирмамадов (+100 кг), Шукрона Қарчиева (-48 кг), Аҳлия Муъминова (-52 кг), Фазилат Гулбоева (-57 кг), Мавлуда Одинаева (-63 кг) ҳастанд.

Ба ғолибон ва ҷоизадорон дар баробари медал ҷоизапулӣ дода мешавад, ки ҳаҷми ҷоиза барои ҷойи аввал 5000 евро, ҷойи дуюм 3000 ва барои ҷои сеюм 1500 евро аст.

ҶОМИ РУШД

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН БО РУСИЯ, БЕЛАРУС ВА ҚАЗОҚИСТОН БОЗӢ МЕКУНАНД



Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-16) дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 таҳти роҳбарии Далер Каёсов дар мусобиқаи анъанавии байналмилалии «Ҷоми рушд-2024» ширкат мекунад.

Дар «Ҷоми рушд-2024», ки аз 18 то 24-уми феврал дар Минск баргузор мешавад, ҳашт даста ширкат мекунад. Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-16) дар гурӯҳи «Б» бо дастаҳои Русия (U-17), Беларус (U-16) ва Қазоқистон (U-16) неру месанҷад. Дар чаҳоргонаи «А» дастаҳои Беларус (U-17), Русия (U-16), Ӯзбекистон (U-17) ва Озарбойҷон (U-16) бозӣ мекунанд.

Тибқи низомномаи мусобиқа дар марҳилаи гурӯҳӣ дастаҳо аз рӯи системаи даврӣ дар як давр бозӣ мекунанд. Ғолибони гурӯҳ дар финал бо ҳам вомехӯранд. Дастаҳое, ки дар гурӯҳҳои худ ҷойи дуюмро мегиранд, барои медалҳои биринҷӣ мубориза мебаранд. Барои зинаҳои 5-6 ва 7-8 низ бозиҳо баргузор мешаванд.

Барои наврасони Тоҷикистон (U-16) ширкат дар мусобиқаи Минск яке аз марҳилаҳои омодагӣ ба даври интихобии Ҷоми Осиё-2025 мебошад, ки имсол аз 19 то 27-уми октябр баргузор мешавад.

РЕЗААХБОР

Нимҳимоятгари 21-солаи дастаи футболи Тоҷикистон Алишер Шукуров фаъолияти худро дар ҳайати бошгоҳи футболи «Динамо»-и Тифлис идома медиҳад. Шукуров бо серҷоизатарин бошгоҳи футболи Гурҷистон (18 маротиба чемпион) шартномаи дусола имзо кард. Шукуров дар ҳайати Тоҷикистон шаш бозӣ анҷом додааст. Нахустин бозии ӯ дар вохӯрии ниҳоии «Ҷоми Мердека-2023» буд, ки дар он Тоҷикистон бар Малайзия бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуда буд. Алишер дар Ҷоми Осиё-2023 дар ҳамаи панҷ бозии даста ширкат карда, як пеналтии тақдирсозро ба ҳадаф расонд.

***

Дастаи мунтахаби футболи кишвари Кот д’Ивуар дар Ҷоми миллатҳои Африқо, ки дар ҳамин кишвар баргузор шуд, пирӯз гардид. Кот д’Ивуар дар бозии ниҳоӣ дастаи Ничерияро шикаст дод. Ин маротибаи сеюм аст, ки Кот д’Ивуар барандаи Ҷоми миллатҳои Африқо мешавад. Дастаи Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, ки бо пеналтӣ (6:5) Конгоро мағлуб кард, зинаи сеюми ин мусобиқаро соҳиб шуд.

***

Варзишгари маъруфи Кения ва рекордгузори ҷаҳонӣ дар дави марафон Келвин Киптум дар як сонеҳа ҷон дод. Мошине, ки Киптуми 24-сола идора мекард, дар Кения ба садама дучор шудааст. Дар мошин бо Киптум ду мусофир будаанд. Мураббии ӯ Гервайс Ҳакизимана дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст. Мусофири дуюм дар беморхона бистарӣ шудааст. Киптум 8-уми октябри соли 2023 дар марафони дав дар Чикаго рекорди ҷаҳонӣ гузошт.

***



Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2024 аз 14-уми феврал то 2-юми март дар Ҷидда ҷамъомади таълимиву тамринӣ баргузор мекунад ва бо тими миллии Арабистони Саудӣ рӯзҳои 26 ва 28-уми феврал ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Пас аз анҷоми ҷамъомад дар Арабистони Саудӣ барои анҷоми ду бозии санҷишӣ бо дастаи мунтахаби Ӯзбекистон (4 ва 5-уми март) ба Тошканд сафар мекунад.

САФИЯХОНИ 10-СОЛА КУҶО ШУД?



Сафияхон Раҳматова, духтарчаи 10-сола аз шаҳри Хуҷанд, ки як ҳафта шуд бедарак аст, то ҳол пайдо нашудааст.

Кормандони Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани дар вилояти Суғд мегӯянд, ки барои пайдо кардани Сафияхон мутахассисони ботачриба ҷалб шудаанд, аммо то ҳол натиҷае ба даст наовардаанд.

Сафияхон Раҳматова 7-уми феврали соли 2024 бедарак шуд. Охирин маротиба ӯ дар наворе, ки аз кӯчаи Раҳмон Набиев, назди боғи Камоли Хуҷандӣ, лаби дарёи Сир бардошта шудааст, дида мешавад. Хонаи онҳо дар ин мавзеъ воқеъ аст. Дар навор дида мешавад, ки духтарак ба соҳили дарё меравад. Дигар аз ӯ дараке нест.

“Мо аз камераи ҳамсоя дидем, ки ду духтар ба назди об мефароянд, аммо як духтар мебарояд. Мобайни сабт 31 дақиқа аст. Духтарча аз поён мебарояд, аммо фарзанди ман намебарояд. Аниқ фарзанди ман дар об ғарқ шудааст”,- мегӯяд Аъзамхон Раҳматов - падари Сафияхон.

Аз Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани дар вилояти Суғд мегӯянд, ки ғаввосон ҷустуҷӯро то сарҳади Ӯзбекистон идома додаанд, аммо духтаракро пайдо накардаанд. Ҷустуҷӯйи ӯ идома дорад.

УСТОДИ ДОНИШГОҲРО ДАР ДАРЁ ПАРТОФТУ...

Акмал Юсуфзода, подполковники Вазорати корҳои дохилӣ, ки ба рабудани як омӯзгори Донишгоҳи тиҷорат муттаҳам аст, аз нишондоди пештарааш даст кашидааст.





Юсуфзода қаблан ба прокурор гуфта буд, ки дастони омӯзгор Исмоил Раҳмоновро баста, "бо мақсади ба қатл расонидан ӯро ба дарёи Фон партофтааст". Аммо дар мурофиаи охир, ки рӯзи 12-уми феврал баргузор шуд, аз ин ҳарфаш даст кашида, гуфтааст, дастони омӯзгорро набаста, ӯро ба об партофта буд ва шояд омӯзгор зинда бошад. Аммо бо гузашти ҳашт моҳ аз ҳодиса, то ҳол ҷасади омӯзгор пайдо нашудааст.

Мурофиаи Акмал Юсуфзода ва хешованди ӯ Исмоилҷон Шукуров ба ин далел боз тамдид карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки ҳамсари Акмал Юсуфзода ва Исмоил Раҳмонов дар Донишгоҳи тиҷорат кор мекардаанд. Раҳмонов аз ихтисоси менеҷмент дарс мегуфт, ҳамсари полковник аз забони англисӣ. Шоҳидон мегӯянд, чӣ моҷарое миёни ду ҳамкор сар зада, полковник шаби 12-уми июн ӯро барои “суҳбат” даъват мекунад. Ҳамин тавр, омӯзгори донишгоҳро аз маҳаллаи "Якум Советский"-и Душанбе рабуда, ба дарёи Фон мепартояд.

Акмал Юсуфзода то вақти боздошт сардори Шуъбаи таҳлилӣ, банақшагирӣ ва муносибатҳои байналмилалии Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил (УБОП) буд. Парвандаи ӯ баъди шаш моҳи таҳқиқ, охири моҳи январ ба Суди Олӣ расид.

БОЗДОШТИ ҶОДУГАРИ 74-СОЛА ДАР КӮЛОБ

Кормандони милитсияи шаҳри Кӯлоб Раҳматулло Файзуллоеви 74-соларо ба гумони машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ боздошт намуданд.



Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон хабар медиҳад, ки сокини маҳаллаи 1-уми майи шаҳри Кӯлоб дар хонаи истиқоматаш ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ машғул мешудааст. Ӯ 5 соли охир ба ин кор машғул будааст.

Гуфта мешавад, ки номбурда танҳо ба хотири манфиатҳои шахсӣ, барои ба даст овардани маблағ ба ин кирдори мардумфиребона машғул мешудааст. Феълан парвандаи ин қазия ба Суди шаҳри Кӯлоб ирсол гардидааст.

БЕРАҲМИИ ШАВҲАР БА ХУДКУШӢ ОВАРД



ВКД Тоҷикистон рӯзи 10-уми феврали соли 2024 аз ошкор шудани як ҳолати латукӯби бераҳмонаи ҳамсар аз сӯйи шавҳар хабар дод, ки ин зани ба ҷонаш расидаро водор ба қасди худкушӣ кардааст.

Бино ба иттилои милитсия, марди 32-солаи сокини ноҳияи Варзоб 27-уми январи соли 2024, тахминан соати 17:30 ҳамсари 30-солаашро бе ягон асос бо истифода аз лӯлаи резинӣ (шланг) бо бераҳмии махсус латукӯб намудааст. Дар натиҷа, ҷабрдида ба латукӯби бераҳмона тоб наоварда, бо мақсади сӯиқасд ба худкушӣ бо корд банди дасти чапашро бурида, сипас 30 адад доруворихои гуногун ва маҳлули сиркоро истеъмол намуда, заҳролуд шудааст. Занро шавҳараш дар ҳолати вазнин ба беморхона меорад. Хушбахтона, табибон тавонистаанд ҷони ин ҷавонзанро аз марг наҷот диҳанд. Феълан аз болои шавҳари бераҳм парванда боз шуда, тафтишот идома дорад.

АЗ НИШАСТИ МАТБУОТӢ



Дар Тоҷикистон 12 зан ба шавҳари собиқи худ барои нигоҳубини фарзанд алимент месупоридаанд. Ин нисбат ба соли 2022-юм 7 ҳолат бештар аст.

Барно Саидвализода, сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати ҶТ зимни нишасти матбуотӣ хабар дод, ки соли 2023 барои ситонидани алимент 10 ҳазору 912 дархост ворид шудааст. Ҳамчунин, ӯ гуфт, давоми сол 398 нафар аз пардохти алимент саркашӣ кардаанд, ки нисбат ба соли 2022-юм 106 ҳолат бештар будааст.



Прокурори вилояти Хатлон давоми соли 2023 барои роҳ додан ба қонунишканӣ зимни пешбурди таҳқиқу тафтиши парвандаҳо 200 корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоятро муҷозоти интизомӣ кардааст.

Дар ин бора Аваз Назарзода, прокурори навтаъини вилояти Хатлон зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Ӯ гуфт, соли 2023 дар вилояти Хатлон 5 ҳазору 903 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки дар қиёс ба соли 2022-юм 7 дарсад камтар аст.



Давоми соли 2023-юм 13 ҳазору 447 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардидааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 824 ҳолат зиёд аст.

Ориф Хоҷазода, раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки миёни ҷиноятқорон кормандони кумита низ будаанд. Ӯ гуфт, ки соли 2023 барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда 11 ҳазору 389 қарор қабул шудааст, ки дар натиҷа 10 ҳазору 80 ё ин ки 75 дарсад қонунвайронкунӣ бартараф карда шудааст.

ДИАБЕТИ ҚАНД

Кадом хӯрданиҳои бомазза душмани мо ҳастанд?

Шумораи гирифторони диабети қанд сол ба сол афзоиш ёфта истодааст. Тавре Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ иттилоъ додааст, диабети қанд дараҷаи фавти аҳолиро 2-3 баробар афзоиш дода, давомнокии умрро кӯтоҳ мекунад.

Афзоиши беморӣ

Ҳамасола афзоиш ёфтани шумораи беморон, махсусан диабети навъи 2, ки 85 фисади ҳолатро ташкил медиҳад, мутахассисони соҳаро нигарон кардааст. Вақтҳои охир шумораи гирифторони бемории диабети қанд миёни ҷавонон хеле зиёд шудааст. Тавре диетолог-эндокринолог Александр Семёнов гуфт, аксарият гумон мекунанд, ки қанд танҳо дар таркиби торту қандина ва дигар ширинихо вуҷуд дорад, аммо ин тавр нест.

Бомазза, вале зараровар

Чанд маҳсулоте, ки боиси баландшавии қанд мегарданд, инҳо мебошанд:

1. Соус ва кетчупҳо. Дар таркиби як қошуқ кетчуп як қошуқча шакар (4 грамм) вуҷуд дораду дар таркиби соуси чили ду қошуқча (тақрибан 8 грамм).

2. Шавлаву шӯрбои тайёр. Аз рӯи ҳисоби миёна дар таркиби як порс (100 грамм шӯрбои тайёр ё кашша) аз 0,5 до 7 грамм шакар (вобаста ба брендаш) вуҷуд дорад.

3. Полуфабрикатҳо - (сосиска, сарделка, ҳасиб, бекон, ветчина). Истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ бе иловаи шакар намешавад. Аз ҳамин сабаб ҳасибу ҳасибчаҳо хушмаззаанд.

4. Нон. Дар таркиби тамоми намуди нон қанд ҳаст. Дар 100 грамм нони дилхоҳ аз 7 то 10 грамм шакар вуҷуд дорад.

5. Маҳсулоти беравғаншудаи ширӣ. Якҷоя бо равған маҳсулоти ширӣ тамъу маззаи худро гум мекунанд. Аз ин рӯ, истеҳсолкунандагон ба таркиби маҳсулоти худ шакар илова мекунанд. Дар таркиби маҳсулоти ширӣ қандро ҳамчун глюкоза, лактоза, фруктоза ва ғайра қайд мекунанд.

6. Донагӣ ва хушкмеваҳо дар баробари фоидабахш буданашон на танҳо калорияи баланд, балки қанди зиёд низ доранд.

7. Нӯшокиҳои ширин. Қанде, ки дар таркиби нӯшокиҳои газнок ва шарбати мева вуҷуд дорад, баробар аст ба қанди таркиби конфету қандинаҳо. Як истакон шарбати ангур аз рӯйи ғизонокӣ баробари як порс торти шоколадӣ аст. Бинобар ин, ҳангоми истеъмоли нӯшокиҳо андозаро нигоҳ доштан лозим аст.

Аз қанд даст кашида мешавад?


Оё мешавад, ки аз қанд даст кашид? Мутаассифона, қандро аз таркиби маҳсулоти номбаршуда нест карда намешавад. Қанд дар таркиби меваву сабзавот, лӯбиёӣ ва ғайра низ вуҷуд дорад, ки аз ин хӯрданиҳо даст кашидан лозим нест. Табибон низ пурра аз қанд даст кашиданро тавсия намедиҳанд. Норасоии глюкоза ва карбогидратҳои зудҳазм боиси руҳафтодагӣ ва асабхаробӣ мегардад, хусусан, дар нафароне, ки пайваста дар ҳолати изтироби шадид (яъне, нафарони корашон фаъол ва серҳаракат) қарор доранд.

Истеъмоли маҳсулоти ширин табъи инсонро болидаву самаранокияшро беҳтар месозад. Вале истеъмоли шакар бояд андоза дошта бошад, яъне дар як рӯз 50 грамм шакар (10-12 қошуқча) барои инсон кифоя аст.

Сабаби қанди баланд чист?

Тавре тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ширинихӯрӣ не, балки бештар камҳаракатӣ боиси бемории қанд мешавад. Ҳамчунин, ирсият сабаби гирифторӣ ба бемории қанд аст. Аз ин рӯ, нафароне, ки фарбеҳ мешаванд, бояд парҳезро риоя намуда, қанди хунро пайваста назорат намоянд.





Тақвими Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта даромади хуби пулӣ ба даст меоред, хусусан агар бо кори тиҷорат машғул бошед. Барои он ки саломатиатон хуб бошад, аз истеъмоли машрубот, қаҳва ва ширинӣ худдорӣ намоед. Бештар меваву сабзиҷот ва кабудӣ истеъмол кунед.



Савр
21.04 - 21.05

Шуморо лозим аст, ки нисбати наздикон ва аҳли хонадони худ бодиққат бошед. Сар задани нофаҳмӣ имконпазир аст, аз ин рӯ, самимиятро аз даст надиҳед. Дар ҷойи кор заҳматҳоятонро қадр мекунанду вазъи молиявиатон рӯ ба беҳбудӣ меорад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта ба касе пул қарз надиҳед, вагарна онро ба зудиву осонӣ баргардонида наметавонед. Барои солимии руҳу ҷон истироҳату хоби бароҳат лозим аст. Масунияти баданро бо истеъмоли витаминҳо нигоҳ дошта метавонед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дучори баъзе нофаҳмиҳо мешаведу дар натиҷа асабатон хароб мегардад. Қарорҳои муҳим дар ҳаёти шахсӣ аз шумо диққати зиёдро талаб мекунанд. Ҳафта барои пешравӣ дар зинаҳои мансаб мусоидат мекунад. Дар бораи ошиқатон хабаре шунида, табъатон хира мегардад.



Асад
23.07 - 22.08

Барои меҳнату дастовардҳои худ аз ҷониби роҳбарият таърифу тавсиф мешунавед. Барои донишҷӯён давраи мусоиди забономӯзӣ фаро мерасад. Аз оташ, ашёҳои нӯгтез ва баландӣ эҳтиёт шавед, пайваста кори дил ва фишори хунро назорат кунед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Дар касбу коратон тағйироти судманд рух медиҳад, кӯшишу талошҳоятонро қадр мекунанд. Саломатиатон аз атрофиён ва ҳодисаҳои рухмедода вобастагӣ дорад, аз ин рӯ, ба ҳолатҳои фавқулода омода бошед. Эҳтимол нафаре ба шумо изҳори муҳаббат мекунад.



Мизон
25.09 - 22.10

Нафароне, ки бо тиҷорат машғул ҳастанд, ба натиҷаҳои хуб ноил мегарданд. Ҳар соати иловагие, ки шумо кор мекунед, маблағ ба даст меоред. Барои он ки солим бошед, реҷаи худро вайрон накунеду ба пурхӯрӣ роҳ надиҳед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта бояд пулро сарфа кунед. Маблағи ёфтаро барои дилхушиҳо сарф накунед, шуморо мушкилоти молиявӣ дар пеш аст. Агар эҳсосоти худро пинҳон мекарда бошед, ба саломатиятон хатар таҳдид мекунад. Қаҳру ғазаб, хафагиву кинаро аз дил берун созед.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафта барои зодагони мучали қавс дар мавриди касбу кор бобарор меояд. Шумораи муштариёнатон афзуда, робитаҳои кориятон густариш меёбанд. Мушкиливу монеаҳои пешомада ба саломатиатон бетаъсир наметонанд.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Барои расидан ба ҳадафҳо бояд содиқ ва дар ахди худ устувор бошед. Харочоти ногаҳонӣ кисаҳоятонро холӣ мекунад. Барои беҳдошти саломатӣ аз хастагии зиёд худро эҳтиёт кунед, ҳатман баъди рӯзи корӣ истироҳат кунед. Нафарони муҷаррад муҳаббати худро вомехӯранд.



Далв
21.01 - 19.02

Барои бартараф намудани мушкилиҳо ва расидан ба ҳадаф бояд хеле корчаллон бошед. Аз чиҳати молиявӣ ҳафтаи бобарор аст, барои худ сарчашмаҳои нави даромадро пайдо мекунед. Ба табиб мурочиат намуда, аз ҳолати асаб, кори майнаи сар ва гардиши хун бохабар бошед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дар ин ҳафта бояд хеле сабуру ботамкин бошед. Дарҳол ба пешниҳодҳое, ки ба шумо ваъдаҳои осонӣ медиҳанд, розӣ нашавед, дар акси ҳол, баъдан пушаймон мешавед. Саломатиятон аз ҳолати руҳӣ ва муносибати атрофиён вобастагӣ дорад.

УСТОД АЙНӢ ДАР УКРАИНА

7-уми феврали соли равон Сафири Тоҷикистон дар Украина Давлат Назрӣ аз Китобхонаи хониши оилавии ба номи Анатолий Димарови шаҳри Киев боздид кард. Ҷолиб он аст, ки дар китобхонаи мазкур гӯшаи махсусе ба ҳаёту эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Ин гӯшаро дар баробари китобҳо, нимпайкараи устод ва қолинчаи дастбофе бо акси ӯ зеб медиҳад.



Тавре сомонаи сафорат хабар медиҳад, сафир бо директори китобхона Светлана Батюк оид ба рушди муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистону Украина ба тавофуқ расида, дар мавриди таъмини гӯшаи Садриддин Айнӣ бо китобҳо ва маводи иловагии зарурӣ ба тавофуқ расидаанд.

Вақте ин хабар расонаӣ шуд, аз роҳбари “Фонди адабии Садриддин Айнӣ”, вориси арзандаи устод Эраҷ Айнӣ хабар расид, ки дар шаҳри Харкови Ҷумҳурии Украина осори мунтахаби устод Айнӣ, ки шомили повестҳои “Аҳмади Девбанд” (тарҷумаи А. Могила) “Ҷаллодони Бухоро”, “Мактаби куҳна” (А. Синкевич) ва “Марги судхӯр” (А. Могила) аст, чоп шудааст. Китоби мазкур бо сифати баланд ва ороиши зебо аз ҷониби Фонди Денис Юсупович Парамонов нашр шудааст.

Дар шароити кунунӣ, ки Ҷумҳурии Украина ду сол боз дар ҳолати ҷанг аст, таваҷҷуҳ ба осори сардафтари адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ далели дӯстии қавии халқҳои тоҷику украин мебошад.

Робитаи адабии халқҳои тоҷику украин таърихи беш аз садсола дорад ва дар ин пайванд шахсият ва осори устод Айнӣ меҳварӣ мебошад.

Бо осори устод Айнӣ хонандаи украинӣ аз солҳои 30-юм ошноӣ пайдо кард, ки дар ин кор нақши Евгений Филлипович Ребрик (1888-1950) калон аст. Вай соли 1914 Институти забонҳои шарқи ба номи Лазаревсийи Москваро хатм карда, солҳо корманди бонки муштараки эрониву советӣ дар Теҳрон буд. Соли 1927 ба Ватан баргашта, муқими Мариупол шуд. Солҳои 1930-1932 дар Омӯзишгоҳи шарқшиносии Харков муаллимӣ кард. Маҳз дар ҳамин давра ӯ ба осори нависандаи тоҷик С. Айнӣ таваҷҷуҳ карда, повести “Одина”-ву романи “Дохунда”-ро тарҷума намуд. Арзиши ин тарҷумаҳо дар он аст, ки Ребрик онҳоро аз забони асл тарҷума мекард.


Ребрик дар вақти тарҷума бо устод С. Айнӣ робита доштааст. Ӯ дар яке аз номаҳояш ба устод менависад: “Хоҳиш мекунам, ки ҳолномаи худро бароям фиристед ва иҷозат диҳед, ки аз он дар сарсухани ба тарҷума менавиштаам истифода намоям”.

Устод Айнӣ ҳам дар посух ба тарҷумони украинӣ дар баробари дархости ӯ, китоби “Намунаҳои адабиёти тоҷик”-ашро бо соядасти “Ба рафиқ Ребрики гиромиқадр, донишманди муҳтарам аз мураттиби ин маҷмӯа” фиристодааст.

Соли 1931 повести “Одина” дар тарҷумаи Ребрик дар Украина нашр шуд. Тарҷумон дар сарсухани муфассалаш дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти тоҷик ва шахсияти Айниву арзиши осораш маълумот медиҳад. Ӯ устод Айниро “офарандаи повестӣ миллӣ” дар адабиёти тоҷик муаррифӣ намудааст.

Романи “Дохунда” бошад, соли 1934 ба нашр расид, гарчанде он соли 1932 тарҷума шуда буд. Ба ин китоб ҳам тарҷумон сарсухани муфассал навишта, ба ин васила дар шинохти устод Айнӣ дар Украина саҳм гузоштааст. Ребрик дар сарсуханаш арзиши бадеии “Дохунда”-ро бо “Сели оҳанин”-и Серафимович ва “Чапаев”-и Фурманов баробар арзёбӣ мекунад.

Муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику украин А. З. Дун менависад, ки осори Айнӣ ба забони украинӣ зуд маъруфият пайдо мекунанд. Китобҳои устод дар мағозаҳо паҳн шуда, дар байни чанд рӯз фурӯхта мешаванд. Дун хулоса мекунад, ки яке аз омилҳои маъруфият пайдо кардани асарҳои устод дар он аст, ки сарнавишти Одинаву Ёдгор ва муҳити ичтимоии зиндагии онҳо ба сарнавишти украиниҳои то инқилоб монандӣ дошт.





Ҳамчунин, шоҳкории устод Айнӣ “Ёддоштҳо” низ ба забони украинӣ тарҷума шудааст. Ин асарро тарҷумони украинӣ Олекс Новитский тарҷума кардааст. Новитский низ 15-уми феврали соли 1951 ба устод Айнӣ нома навишта, эшонро аз нияти тарҷума огоҳ мекунад. Ҳамчунин, хоҳиш мекунад, ки устод ба нашри украинии “Ёддоштҳо” сарсухани вежа нависад. Устод Айнӣ 21-уми сентябри соли 1951 ба Навистский номаи ҷавобӣ менависад ва ба ӯ ҳолнома, рӯйхати таълифот ва дигар маводи лозимиро барои сарсухан мефиристад.

Пас аз ин, повестҳои устод С. Айнӣ “Аҳмади Девбанд”-у “Марги судхӯр” аз ҷониби тарҷумон А. Могила ва “Ҷаллодони Бухоро”-ву “Мактаби куҳна” аз ҷониби тарҷумон А. Синкевич тарҷума ва соли 1958 дар як ҷилд дастраси хонандаи украинӣ мешавад. Инак, бо гузашти қариб ним аср, ин китоб дар Ҷумҳурии Украина бознашр шуд.

Ҳамчунин назму насри устод Садриддин Айниро адибони дигари украин О. Шокало, С. Жолоб ва Л. Билик дар солҳои гуногун тарҷума кардаанд. А. З. Дун “Аз таърихи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику украин” менависад, ки шоири украин М. Рилский шеъри “Пушкин”-и устод Айниро тарҷума карда, шомили китоби “Гулдаста ба Пушкин” кардааст. Устод С. Айнӣ аз ин хушҳол шуда, нияти тарҷумаи ашъори ин шоирро доштааст.

Дар баробари адибон адабиётшиносони Украина низ ба осори устод Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳи вежа доштанд. Нависанда ва пажуҳишгари украинӣ И. Микитенко ҳанӯз соли 1935 дар Конгресси ҷаҳонии адибон суханронӣ карда, устод Садриддин Айниро яке аз чеҳраҳои бузурги фарҳанги ҷаҳонӣ арзёбӣ карда буд. Муҳаққиқони украинӣ С. Ф. Семёнова, В. Белан, С. Лавров дар бораи устод Айнӣ мақолаҳо навишта, соли 1987 нависанда ва муҳаққиқи украинӣ И. М. Дзюба рисолаи “Садриддин Айнӣ” (239 сах.)-ро таълиф кард, ки дар он рӯзгору осори устод мавриди пажӯҳиши густарда қарор гирифтааст.

Албатта, ба ғайр аз устод Садриддин Айнӣ осори дигар адибони тоҷик низ дар Украина ва осори адибони украин дар Тоҷикистон тарҷумаву нашр шудаанд, ки ин мавзуи суҳбати дигар хоҳад буд.

О. НОЗИР

МАВЛУДНОМА

• 16 ФЕВРАЛ •

Абдулфараҷи Рунӣ (1039-1108), 1085-солагии зодрӯзи шоири форс-тоҷик.

Юлдош Зиёев (1914-1989), 110-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Вадим Ранов (1924-2006), 100-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, узви вобастаи АМИТ, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

Абдуғаффор Самадов (1909-1996), 115-солагии зодрӯзи арбоби хоҷагӣ, ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Явдат Илёсов (1929-1983), 95-солагии зодрӯзи нависандаи тотортабори Ӯзбекистон, муаллифи романи «Ромкунандаи морҳо» (дар бораи Умари Хайём).

• 17 ФЕВРАЛ •

Саидолим Оқилов (1904-1977), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Ҳомид Саид (1899-1978), 115-солагии зодрӯзи шоири халқ.

Олег Акимушкин (1929-2010), 95-солагии зодрӯзи эроншиноси рус, доктори илми филологӣ.

• 18 ФЕВРАЛ •

Авнер Аминов (1929), 95-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Дмитрий Дудкин (1909-1981), 115-солагии зодрӯзи нависанда.

Зафари Дӯст (1944), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

Геннадий Зубарев (1914-1973), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Шоҳмирзои Хӯҷа (1949), 75-солагии зодрӯзи адиб.

Николай Корженевский (1879-1958), 145-солагии зодрӯзи ҷуғрофидони рус, таҳқиқгари ҷуғрофияи Тоҷикистон.

Маҳмуд Муҳаммадӣ (1949), 75-солагии адиб.

• 19 ФЕВРАЛ •

Тӯхта Иброҳимова (1939), 85-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Яъқуб Сабзанов (1929), 95-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Флора Ҳакимова (1934), 90-солагии зодрӯзи сароянди опера.

Алексей Федченко (1844-1873), 180-солагии зодрӯзи табиатшиноси рус, таҳқиқгари табиати Тоҷикистон.

• 20 ФЕВРАЛ •

Нурӣ Баротова (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Абдуҷалил Воситзода (1929-2004), 95-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Муҳаммадҷон Гулҷонов (1939), 85-солагии зодрӯзи муаррих-шарқшинос.

Файз Дӯстов (1944), 80-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Балаҷон Пирназаров (1939-1997), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Абдулҳамид Раҷабов (1939-2007), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

Дӯстмурод Саидмуродов (1934), 90-солагии зодрӯзи муаррих-шарқшинос.

Шарифбой Ҳоҷиматов (1934), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Гулчеҳра Раҳмонова (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

• 21 ФЕВРАЛ •

Абдуғаффор Сатторов (1904-1972), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Аҳмади Учқурғонӣ (1914-1988), 110-солагии зодрӯзи шоири тоҷик (Қирғизистон).

Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,
Ҳ. АМРИДДИН,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи №499 дар бораи хатми интернатура дар таваллудхонаи вилоятии ш. Хуҷанд (об окончании интернатуры в областном роддоме), ки санаи 25.07.1993 ба номи Нусратова Светлана, аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи меҳнатӣ, АТ-IX №0762840, ба номи Холов Саидқул, ки санаи 19.12.1993 аз ҷониби АРСУ Тачикминлекпром дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи РТ №002268, рақами қайд №3641 ба номи Холов Саидқул, ки санаи 28.06.2001 аз ҷониби Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маълумоти миёна Т-ШТА №0932533 ба номи Сатторова Умеда Нуралиевна, ки санаи 20.06.2013 аз ҷониби МТМУ №25-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1-1851, ба номи Лопатко Гулейнор Рузиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федина, бинои 64, ҳ. 2, ки санаи 13.04.2023 дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами инвентарӣ №65836, №115963, ба номи Лопатко Гулейнор Рузиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Федина, бинои 64, ҳ. 2, ки санаи 17-уми апрели соли 2023 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, №88412, аз 27-уми апрели соли 2023 ба номи Лопатко Гулейнор Рузиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федина, бинои 64, кв. 2, ки санаи 17-уми апрели соли 2023 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Эшонқулзода Нуршед Раҷабалиевич, ки соли 2022 аз ҷониби Коллеҷи информатика ва техникӣ-компютерии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9,№260486, ба номи Рашидов Дилшод Абдукаримович, соли хатм 1995, ки аз ҷониби МТМУ №11-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-А-ТУ №0407869, ба номи Худобердиева Ганджина Наимовна, соли хатм 2017, ки аз Гимназияи №74-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси ҶДММ «Перфект Трэвел», РЯМ: 0210016767, РМА: 020039618, ки санаи 08.02.2013 аз ББДШҲСИ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01818559, ба номи Азамов Исломиддинхӯҷа Исмоилхӯҷаевич, ки санаи 19.03.2019 аз ШВКД-и ноҳияи Зафаробод дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ва дафтарчаи имтиҳонот ба номи Азамов Исломиддинхӯҷа Исмоилхӯҷаевич, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома, №0281832 ва Иқтибоси ҶДММ "Истаравшан Сохтмон", РЯМ: 0110026052, РМА: 010102274, ки аз 16.11.2020 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст ва ИНН аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Дафтари ҳавлии гумшуда бо суроғаи Гипрозем, ноҳияи Сино, бинои 32, хонаи 27, ки дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира аз санаи 23.01.2023 ба номи Чалилова Озода Давлятовна тааллуқ дорад, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04820649, ба номи Нигматова Мавлюда Амиршоевна, ки санаи 12.04.2023 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Худоёрова Тути Мирзоёровна, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Шоҳмансур, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Файзулоева Гулсифат, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Н. Махсум 113/2, ҳ. 7 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шаҳодатномаи қонунигардонии молу мулк ба номи Атамов Назирҷон Мирзоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 2, кӯчаи А. Дониш, хонаи 82, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ ба номи Собирзода Мавлуда Ҷаборхон, ки соли 2021 аз ҷониби Коллеҷи технологии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, №19655, ба номи Негматов Садриддин Бароталиевич, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Шокиров Маҳмадшариф Сафаралиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 126, ҳ. 11 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-А-ТА №0874704, ба номи Ҷаборова Фарзона Наимовна, соли хатм 2019, ки аз Мактаб-интернати №4-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Собиров Негмат Мухторович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Каленин, хонаи истиқоматии 28 эътибор надорад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Бобоева Сарвиноз Мақсадовна, РМА: 046020370, РЯМ: 0430159379, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Эълони шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии гумшуда, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ленин санаи 7-уми августи соли 1979, таҳти феҳристи №2273 ба номи Ҷумаев Шарофитдин нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Ленин, шаҳраки Ленин, кӯчаи Лермонтов, хонаи 19 (ҳозира ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи А. Дониш, хонаи 19) дода шудааст, бинобар сабаби ёфт шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибос ба номи Алимкулов Абдукодир, РЯМ: 0730211158, РМА: 076203644, ки аз 01.03.2021 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0030925, рақами қайд №1035, ба номи Набиева Фарида Неъматуллоевна, ки соли 2010 аз ҷониби Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, №245, ба номи Ҳалимов Муҳаммадҷон Эмомалиевич, ки соли 2023 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Тураев Абдукахор, РМА: 075574574, РЯМ: 0730042995, санаи таъсисёбӣ 08.02. 2011, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Кодиров Ганичон, РЯМ: 0730099884, РМА: 075955448, санаи таъсисёбӣ 23.09. 2014,бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Хидиров Мехробчон, РМА: 075345071, РЯМ: 0730208252, санаи таъсисёбӣ 05.12.2020, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсус ба номи Шералиева Хаитбиби, РЯМ: 0730218024, РМА: 075183818, санаи таъсисёбӣ 02.11.2021, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Хидиров Илхомчон, РМА: 075844216, РЯМ: 0730117218, санаи таъсисёбӣ 26.06.2015, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0166308, рақами қайд №2792, ба номи Муҳаммадиева Заррина Абдукаримовна, ки соли 2014 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Масолеҳи сохтмонии Сомониён", РЯМ: 3310010193, РМА: 330014090, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Қурбон 1", РЯМ: 3310004574, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Муаллимае, ки бо нияти нек дар пайраҳаи зиндагӣ қадам мезанад!



Барои мо - кормандони соҳаи маориф ва падару модарон боиси сарфарозист, ки чунин устоди гиромиқадр дар мактаби №28-и ноҳияи Фирдавсӣ, ки директори ин мактаб Юлдошева Н. А., мебошад, кору фаъолият карда, барои фарзандонамон чун модар меҳрубонӣ ва чун устод сахтгирӣ менамояд. Мо аз чунин омӯзгор фахр мекунем. Аз лаҳзаҳои аввали бо ин муаллима ҳамсуҳбат шуданамон ҳис кардем, ки аз аксари дигар ҳамкасбонаш бо савияи дониш ва рафтору одоб ба куллӣ фарқ мекунад ва андешаҳои ҷолибу ниятҳои нек дорад. Ҳар кор аз нияти неки инсон вобаста аст. Синфхонаи тозаи барҳавои кории Икрамова Лола Асадовна аз табъи нозуку завқи баланди соҳибаш дарак медод. Дар рафтору гуфтораш осоре аз кибру ғурур наёфтем, ҳар як суханашро дар мизони адолат баркашида, бо садоқат ҳарф мезад. Аз ин рӯ, бидуни ҳеҷ як обуранг, андешаҳои ин устоди соҳибдилро рӯйи коғаз овардем, то хонандаи закӣ донад, ки куллаи мақсудро танҳо бо меҳнати ҳалол метавон фатҳ намуд. Муаллима, ки инсони серғайрату пурдон асту ниятҳои нек дорад, Худо хоҳад, ба қуллаи мурод мерасад. Мо - кормандон ва падару модарон хоҳони пешрафти фаъолияти чунин устодони фарзандонамон ҳастем. Хоҳӣ, ки туро дӯст доранд, худат дӯстдоранда бош! Ҳалолат бод!

Бо ширинзабониву
лутфу хушӣ,
Тавонӣ, ки пиле ба
мӯе кашӣ.

Бо таманниёт,
кормандони соҳаи маориф,
падару модарони
шогирдонатон

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Travel and Logistics Assistant, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 16297/FTA/G5); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 28 February 2024 NY time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.



Дар Душанбе марказе пайдо шудааст, ки роҳи аз байн бурдани сафедшавии пӯстро пайдо намуд. Мо бо Нигина Шералиева - бунёдгузор ва роҳбари ин марказ ҳамсуҳбат шудем, ки фишурдаи онро манзури шумо мегардонем.

- Барасро (витилиго) табобатнашаванда мегӯянд. Аммо овозаҳо Тоҷикистонро фаро гирифтаанд, ки шумо роҳи ҳалли онро пайдо кардед?

- Дуруст аст, ки мо роҳи бартараф кардани барасро пайдо кардем. Одамон бо чеҳраи ғамгин меоянду бо лаби хандон бармегарданд.

- Витилиго (барас) чӣ гуна беморист?

- Витилиго беморӣ нест, нуқсони зоҳирии пӯст, сафед шудани он бар асари аз байн рафтани пигмент аст. Дар ҳолатҳои стресс, тарс, вайрон шудани мубодилаи ғизо ва ҳолатҳои дигаре, ки тиб ҳанӯз онро намедонад, чо-чо пӯсти бадан сафед мешавад. Инро дар тиб депигментатсия, дар тиби ниёгони мо барас мегуфтанд. Ҳолатҳои сиёҳ шудани пӯст низ ҳаст, ки онро гиперпигментатсия ва дар тиби ниёгон онро баҳақ меномиданд. Барас баъзе баҳақ аст. Мувофиқи омор, то 2% аҳолии ҷаҳон гирифтори он мебошад. Маълумот ҳаст, ки солҳои охир бар асари зиёд шудани стресс хусусан дар Тоҷикистон барас авҷ гирифтааст. Дар мамлакатҳои пешрафтаи дунё ба он эътибор намедиҳанд, табобат ҳам намекунанд. Он дар мамлакатҳои ақибмондаи аҳолияш мусулмон, хусусан Осиёи Марказӣ ба як бемории иҷтимоӣ табдил ёфтааст.

- Чӣ водор сохт, ки шумо ба табобати витилиго (сафедшавии пӯст) даст задед?

- Ин таърихи дароз дорад. Садҳо духтарони зебо бо сабаби доғи сафеди пӯст доштан бешавҳар, садҳо ҷавон беҳамсар мемонанд. Худам шоҳиди даст ба худкушӣ задани духтаре шудам, ки дар ҳусну ҷамол ҳамто надошт. Пас аз гирифтани маълумоти тиббӣ ба омӯхтани ин иллати пӯст машғул шудам, мутолиаи зиёд кардам, ба хориҷа таҷрибаомӯзӣ рафтам. Илман бароям собит шуд, ки ин иллат нуқсони пӯст аст ва бо гузашти вақт метавонад табобат шавад ё нашавад.



- Омӯхтед ва ба чӣ хулоса омадед?

- Муҳаққиқон бар асари омӯхтани барас комуфляжи витилигоро ихтироъ карданд, ки барои ҳамеша доғҳои сафедро аз байн мебарад.

- Он чӣ гуна аст?

- Рангҳои табиии тиббӣ ихтироъ шудаанд, ки ба таркиби дермаи пӯст бо дастгоҳҳои махсус ворид карда мешаванд ва барои ҳамеша доғҳои сафедро аз байн мебаранд. Ҳоло он дар тамоми дунё истифода мешавад ва ба протоколи тиббӣ даромадааст.



- Комуфляж мисли татуаж аст?

- Комуфяж татуаж нест. Аз бесаводии мардум истифода бурда, марказҳои ороишӣ гирифторони барасро ба доми қаллобӣ афтонидаанд. Ин кори онҳо оқибатҳои ногувор дорад. Чанд нафар ки татуаж карданд, пӯсташон кабуд гашта, дар ҳолати ногувор ба мо мурочиат карданд. Ҳатто ман сурати ҷабрдидагонро дар саҳифаи истаграмам гузошта, ба чунин косметологҳо мурочиат намудам, ки ба ин амали ғайри тиббӣ, ғайри қонунӣ даст назананд, ки метавонад оқибати чиноятӣ дошта бошад.

- Комуфляжи барас ба тиб чӣ алоқа дорад?

- Комуфляж ба протоколи тиббӣ дохил карда шудааст. Яъне ба ин кор одамоне даст зада метавонанд, ки маълумоти тиббӣ доранд, мутахассис ҳастанд. 19-уми январи имсол дар Вазорати тандурустии Тоҷикистон ҷаласа баргузор гашт. Ман дар бораи комуфляжи барас маърӯза кардам. Он аз ҷониби олимони тиб хуб пазируфта шуд ва баҳои баланд гирифт.

- Дар Тоҷикистон мутахассисони комуфляжи барас зиёд ҳастанд?

- Ман аввалин мутахассиси ҳуқуқи қонунӣ дошта ҳастам, ки сертификат дорам.

- Чанд вақт аст, ки шумо ба ин кор машғул ҳастед?

- Аз соли 2021.

- Ҷараёни аз байн бурдани барас душвор ва дароз аст?

- Душвор нест, пӯст дард ҳам намеёбад. Дар давоми ду моҳ аз он нишоне боқӣ намемонад.

- Ба шумо одамон мурочиат мекунанд?

- Бале, хеле зиёд мурочиат мекунанд.

- Буданд ҳолатҳое, ки барас пурра сиҳат ёфта бошад?

- Зиёд. Чанд духтари аз барас халосшуда ҳатто маро ба тӯйи арӯсиашон даъват карданд. Дар либоси арӯсӣ миёни мардум баромада, маро ба оғӯш кашида, ашки шодӣ рехтани онҳо аз хотирам намеравад.

- Чӣ водор кард, ки ба омӯзиш ва табобати барас машғул шудед?

- Як рӯз аз хастагӣ ё фикри бисёр буд, ки хобам бурд. Дар хоб садое ба гӯшам расид, ки мегуфт: бирав, ба ҳамин кор машғул шав, ки савоб мегирӣ. Ман ки одами тақводор ҳастам, ин суханро паём аз худо донистам. Ҳоло 4 сол аст, ки ба ин кор машғулам.

- Нархи комуфляж гарон аст?

- Нархи мавод барои комуфляж қиммат аст, онро аз хорича меорем. Бисёр ҳолатҳое шудаанд, ки одамон, хусусан духтарони ҷавон қудрати пардохтро надоранд. Ман аз ҳисоби худам онҳоро табобат мекунам. Албатта ба хешу табор ва наздиконам мурочиат мекунам, ки ба ин кори хайр ҳамроҳ шаванд. Чанд рӯз пеш духтаре аз Кӯлоб наздам омад, дар гардан ва бари рӯяш барас дошт. Аммо пул надошт, ба гиряю зорӣ даромад. Аз ҳисоби худам табобатро оғоз кардам. Худо хоҳад, баъд аз як моҳ гул барин мешавад. Албатта дар чунин ҳолат одамон ва ташкилотҳои хайрхоҳро лозим аст, ки ба чунин касон ёрӣ расонанд, кори хайр мешавад.

Суҳбатнигор
Нодира РАҶАБОВА

- Шуморо гирифторони барас аз кучо метавонанд пайдо кунанд?

- *Мо дар Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 36 А (Назди маркази савдои "Садбарг"), дар бинои Хизмати тоҷик маркази табобатӣ бо номи «NS Камуфляж Витилиго» дорем. Ҳар рӯз кор мекунем.*

ТЕЛЕФОН, ВОТСАП, ТЕЛЕГРАМ
908-23-01-10
902-43-39-39



Автобус

Марде таксӣ медорад:
- Акаи ронанда, то фалон ҷо чанд пул мешавад?
- 100 сомонӣ.
- Сумкаҳоямро чанд пул мебаред?
- Сумкаҳоятонро бепул мебарам.
- Ин хел бошад, шумо сумкаҳоямро баред, ман худам бо автобус меравам.

Фоҷеа

Мактаббача, ки китоби "Ревизор"-и Гоголро бошавқ мехонд, ногоҳ аз падари сармуҳосибаш мепурсад:
- Дадаҷон, ман нафаҳмидам, ҳамин «Ревизор» мазҳака аст ё фочеа?
- Писарам, агар ревизор одами худӣ бошад, мазҳака, агар бегона бошад, яқин фоҷеа аст.

Рӯзи Худо

Марде шахси дурӯғгӯеро шарм доронданӣ шуда, аз ӯ пурсид:
- Бародар, ман медонам, ки ҳозир бе гапи дурӯғ зиндагӣ карда намешавад. Росташро гӯед, ки шумо кадом рӯзҳои ҳафта дурӯғ намегӯед?
- Мебахшед, ин хел рӯз нест. Тамоми рӯзҳои ҳафта рӯзи Худо, ба хафа кардани ягон рӯзи он дилам намешавад.

Ҷанг

Шогирд:
- Муаллим, зиёиён ҳам ҷанг мекунанд?
Муаллим:
- Мутаассифона, ҳа!
Шогирд:
- Он ҷанг ба кадом моҳ рост меояд?
Муаллим:
- Ба моҳи августи фасли тобистон!
Шогирд:
- Агар махфӣ набошад, ин ҷанг чӣ ном дорад, устод?
Муаллим:
- Номаш «Тақсимоти дарс» аст, шогирди азиз...

Аз суҳбати навхонадорон:

- Азизам, ман намефаҳмам, андози мустақим аз ғайримустақим чӣ фарқ дорад?
- Мустақимаш маълум ку.
- Чӣ хел маълум?
- Охир, ту, ки чанд пул будани моҳонаи маро аниқ медонӣ, маошамро танга ба танга ҳисоб карда мегирӣ. Ҳаминаш мустақим.
- Пас, ғайримустақимаш чӣ?
- Ғайримустақимаш, ҳамин ки маро хоб бурд, хеста кисаҳоямро боз як бори дигар мековӣ, ки мабодо ягон сомонии бачоӣ надошта бошам.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Лаққӣ ҳатто ба онҳое ҳасад мебарад, ки шабона дар хоб гап мезананд.

***

Барои чоплусу косалесон аз мансаб рафтани сардор ба раҳматӣ шуданаш баробар аст.

***

Пеши ин сардор гардан кач кард, пеши он сардор гардан кач кард, саранҷом гарданаш кач шуд.

***

Аз шодӣ тоқияшро ба осмон партофтанӣ шуд, вале сари калаш ба ёдаш омада, худдорӣ кард.

***

Мушҳо бо ифтихор мегуфтанд, ки агар мо вуҷуд намедоштем, инсон мушқапакро ихтироъ карда наметавонист.

***

Дили ошиқ дар дили маъшуқа шуъба кушод, вале барои ифтитоҳи ҳамин гуна шуъба баҳри маъшуқа дар дили худ пулаш нарасид.

***

Ончунон нутқи оташин эрод намуд, ки аз даму нафасаш қариб минбар сӯхта буд.

***

Ӯро чун тӯби футбол ба ин сӯ заданд, ба он сӯ заданд, лек афсӯс, ба ҳеҷ дарвоза ворид нашуд.

***

Шоире дар бораи демократия манзумаи сусту тӯлоние эҷод намуд. Ихтисоран чоп карданд. “Дар кишвари мо ҳанӯз ҳам демократияро бӯғӣ мекунанд”,- хулоса бароварда шоир.

***

Бахти аризабоз омад кард: дар мағозаҳо нархи қаламу коғазро чанд фоиз арзон карданд.

***

Якравро гург намехӯрад: метарсад, ки дар шикамаш якравӣ карда, ҳеҷ ҳазм намешавад.

***

Аз дашном танҳо як кас наранҷад: кар.

***

Аз зарби гурзи мунаққид асари адиби ҷавон пора-пора шуда, ҳарфҳо чун шарораҳо ба чор тараф пош хӯрданд ва аниқ кардан душвор гардид, ки он асар чӣ ҳаҷм дошту дар кадом жанр иншо шуда буд.

***

Аз баёноти мӯрча: “Ман бо он мӯрчамиёнҳое, ки бо мухолифин пайвастанд, ҳеҷ пайванде надорам”.

***

- Хирагии чашм дарди сари мо шуд,- миннат карданд гӯшу бинӣ, ки айнакро нигоҳ медоштанд.

***

Пойи чап бо пойи рост харҳаша карда, сари ҷаҳл онро пешпо дод. Саранҷом одам ба ҷарӣ афтиду фавтид.

***

Шоир аз пайи ташбеҳи тоза шуда, лабони сурхимолидаи маъшуқаро ба лабони гурги хуношомида монанд кард.

***

Аз тарси қарзхоҳон ҳамеша куртаи бегиребон мепӯшад.

***

Ба нияти оштӣ рақибашро танг ба оғӯш кашид. Дар натиҷа санги бағали рақиб чанд устухонашро шикаст.

***

Иқтибос аз тавсияномае: “Баъзан хоксорона ба одамони қаторӣ низ салом медод”.



Абдурауф МУРОДӢ

Сканворд

